Тадбиқи вазифаҳои марҳилаи модернизатсия ногузир мегардонад, ки масъалаҳои муҳимтарини гузариш ба иқтисодиёти бозории муосир ҳаллӣ худро ёбанд. Дар ин ҷо бозор корхонаҳои истеҳсолии кӯҳнашударо, ки мувофиқан ба талаботи истеъмолии харидорон молҳои ҷавобгӯйии рақобатпазирро баровварда наметавонанд, бераҳмона аз байн мебарад. Дар айни замон дар натиҷаи фарсудашавии воситаҳои асосии истеҳсолии корхонаҳо, ки сари вақт таъмир ва аз нав карда нашудаанд, онҳо корношоям мегарданд. Бинобар ин дар ин марҳила зарур мегардад, ки модернизатсияи технологӣ гузаронида шавад, ҳосилнокии меҳнат баланд бардошта шавад, ба технологияи сарфакунундаи захираҳо гузашта шавад, фондҳои асосии истеҳсолии фартутшуда ба фондҳои нави технологии баланд иваз карда мешаванд. Инҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар марҳилаи модернизатсияи иқтисодиёт ба кулан азнавкунии технологии ҳаёти иқтисодии мамлакат зарурияти ногузир пайдо мегардад.

Дар марҳилаи реконструксияи экологӣ гузаронидани чорабиниҳои азими барқароркунии табиат талаб карда мешавад. Бо ин мақсад таъмин кардани офияти сарзамини фалокатбори экологӣ, барқароркунӣ ва реконструксияи экосистемаи вайроншуда ва харобгашта, тоза кардани ҳавои атмосфера ва обанборҳо ва дигар чорабиниҳои барқароркунии муҳити атрофи зарардида зарур мебошанд.

Дуюм. Мувофиқи маълумотҳои ба рӯйхатгирии аҳолии Тоҷикистон дар соли 1989 қариб 90 фоизи аҳолии таҳҷоии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ

мекарданд ва ба корҳои кишоварзӣ машғул буданд. Дар навбати худ ба 1000 коркуни кишоварзии мамлакат 12 нафар (1,2 фоиз) маълумоти олидор, 34 нафар (3,4 фоиз) маълумоти олии нопурра ва миёнаи махсусдор, 360 нафар (36,0 фоиз) маълумоти миёнадор, 278 нафар (27,8 фоиз) маълумоти миёнаи нопурра дошта ва боқимондааш - 316 нафар (31,6 фоиз) бемаълумотро ташкил медоданд [3]. Дар Тоҷикистон асосан муносибатҳои аграрӣ рушд ёфтанд ва аксари мардуми таҳҷоии Тоҷикистон тафаккури деҳқонӣ доранд.

Дар солҳои аввали 90-ми асри 20 бо пош хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ аксари коркунони корхонаҳои саноатӣ – бо ном «мутахассисон», ки одамони омад – ғайри таҳҷоӣ буданд, Тоҷикистонро тарк карданд. Дар натиҷа корхонаҳои саноатии мавҷударо онҳое ба даст гирифтанд, ки аз ӯҳдаи ба фаъолият даровардани онҳоро надоштанд.

Сеюм. Корхонаҳои саноатии Тоҷикистон дар натиҷаи тақсимоти умумииттифоқии меҳнат ба вуҷуд омада буданд. Фаъолияти онҳо низ мувофиқан аз тақсимоти умумииттифоқии меҳнат вобаста буданд. Бинобар ин бо барҳам хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ имконияту алоқаҳои иттифоқӣ аз байн рафтанд ва мувофиқан корхонаҳои саноатӣ ҳам аз манбаҳои ашё, таъмини воситаҳои асосии истеҳсолот ва ҳам аз бозори фурӯш маҳрум гаштанд. Аз тарафи дигар, воситаҳои истеҳсолии корхонаҳо ба ҷои 7-8 сол ба ҳисоби миёна 32-40 соли умри хизматӣ доштанд. Онҳо алакай дар аввали солҳои 90-ми асри 20 дар истеҳсоли молҳои рақобатпазири бозории муосир ақибмонда буданд.

Чорум. Дар солҳои 1990-1991 бо супориши мамлакатҳои “ҳафтгонаи бузург” мутахассисони онҳо маърӯзаи Хазинаи байналмилалии асъорро тайёр карданд, ки дар он тафсияҳо оиди чӣ тавр дар муддати 1,5-2 сол сохти иҷтимоии СССР-ро ба капиталистӣ дигаргун созанд. Барои ин се роҳи ҳал нишон дода мешуд: ғайримонополӣ кардани моликияти давлатӣ, кам кардани иштироки давлат дар иқтисодиёт ва ворид кардани нархҳои озоди танзимнашаванда [4]. Мувофиқи ин дастуруламалҳо дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ҳамаи мамлакатҳои баъди сотсиалистии шӯравӣ ба вуҷуд омада, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам амалӣ гаштанд. Дар натиҷаи чунин ислоҳоти шуравӣ системаи дар давраи Шӯравӣ ба вуҷуд омада вайрон карда шуд ва системаи нави иқтисодиёти бозорӣ бо душвориҳо ба вуҷуд омада истодааанд. Ин гуна вазъияти пайдо гашта роҳҳои индустриякунонии нав ва рақобатпазиргардонии иқтисодиётро баст. Дар натиҷа корхонаҳои саноатии ватанӣ на танҳо истеҳсол ва таъмингардонии молҳои саноатиро кам карданд, балки фаъолияти бисёри онҳо қатъ гаштанд. Амнияти озуқаворӣ аз даст рафт. Аз хориҷа озуқаворӣ ва дигар воситаҳои истеъмолӣ ворид мегарданд, ки бисёраш хусусиятҳои шубҳаноки истеъмолӣ доранд ва ҳатто барои саломатӣ хавфнок мебашанд.

Бинобар ин ягона роҳи аз чунин вазъияти иқтисодӣ баровардани мамлакат ин гузаштан ба аз нав индустриякунонӣ ва таъмин кардани соҳаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ бо технологияҳои пешрафтаи ҷавобгӯй ба талаботҳои ҳозиразамон мебошад. Дар марҳилаи ҳозира ҳалли масаълаҳои зикр шуда бе индустриякунонии нав ва сохтани технологияҳои баланд амалӣ шуда наметавонад. Бо назардошти ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017 таъкид шудааст: «Мо бояд минбаъд низ доир ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ кӯшиш намоем» [5].

Ин гуна иқдом имконият медиҳад, ки мамлакат аз модели ашёвӣ бароварда шавад, чунки дар вақти ҳозира иқтисодиёти Тоҷикистон характери аграрӣ-индустриалии ашёвӣ дорад ва ҳатто дар бозори дохилии мамлакат барои қонеъгардонии талаботи истеъмолӣ молҳои воридотии хориҷӣ назар ба истеҳсоли молҳои ватанӣ хеле зиёданд. Аз инлиҳоз, ки дар сохтори содиротии мамлакат ҳиссаи асосиро молҳои ашёвӣ ташкил медиҳанд. Масалан, соли 2017 дар таркиби содироти мамлакат ҳиссаи маҳсулоти маъданӣ 40,7%, фулузоти арзонбаҳо ва маснуоти онҳо 19,1%, сангу фулузоти қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо 17,8%, маҳсулоти саноати насоҷӣ ва маснуоти онҳо 15,2%, маҳсулоти растанӣ 2,2% ва дигар молҳо 5,0%-ро ташкил доданд, яъне содироти мамлакат характери ашёвӣ дорад. [6] Вале таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таърихан савдои ашё ҳанӯз ягон мамлакати дунёро ба мамлакати рушд кардаи технологӣ табдил надодааст. Бинобар ин пеш гирифтани самти индустриалӣ-аграрии рущди иқтисодиёти кишвар талаб мекунад, ки маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир ҳам барои бозори дохилӣ ва ҳам барои бозори беруна бароварда шаванд. Барои инро таъмин кардан лозим меояд, ки истехсолот бо технологияи сатҳи баланди ҷавобгӯй ба талаботи илму техникаи пешқадами ҳозиразамон муссалаҳ гардонда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки “дар иқтисодиёти ҷаҳонии муосир хучаини вазъият на он мамлакате мешавад, ки захираҳои бои табииро соҳиб аст, балки он мамлакате мешавад, ки технологияи аз ҳама пешкадамро соҳиб мебошад, яъне соҳиби истеҳсолоти илмталаб ва технологияи баланд аст” [7].

Ҳоло дар назди мардуми Тоҷикистон вазифа меистад, ки кишвари худро аз модели афзоиши иқтисодии содиротӣ-ашёвӣ барорад ва ба ҷои вай модели таъминкунандаи рақобатпазирӣ – модели индустриалӣ-аграририи рушди иқтисодиро ташкил кунад. Мақсади рушди индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт ташкил кардани бахши технологияи баланди иқтисодиёти миллӣ, васеъ муссалаҳонидани иқтисодиёти миллии мамлакат бо технологияи илмталаб ва инноватсионӣ, баланд бардоштани сифати потенсиали инсонӣ ва дар навбати аввал потенсиали интеллектуалии вай, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, маълумотнокӣ ва фарҳангии аҳолӣ, амаликунии дастовардҳои навтарини пешрафти илмӣ-техникӣ мебошад.

Гузариш ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёти мамлакат талаб мекунад, ки иқтисодиёти кишвар характери индустриалӣ-технологӣ дошта бошад. Дар навбати худ дар шароити ҳозира Тоҷикистон индустриякунонии иқтисодиёт хусусиятҳои худро дорад. Дар солҳои аввали гузариш ба системаи нави муносибатҳои бозаргонӣ, яъне солҳои 90-ми асри 20, дар иқтисодиёти мамлакат деиндустриализатсия, яъне ғайриндустриаликунонӣ, боздории

рушди индустриалӣ ба вуҷуд омад. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар сохтори иқтисодиёти мамлакат ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ хеле паст аст. Бинобар ин барои бартараф кардани оқибатҳои деиндустриализатсия ва аз нав гузарондани индустриализатсияи иқтисодиёти кишвар пули гузариш лозим аст, ки чунин пул реиндустриализатсияи иқтисодиёт мебошад [8].

Ҳангоми тадбиқи ислоҳоти хоҷагӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ бозсозии сохтори иқтисодиёт, пеш аз ҳама, бозсозии сохтори саноати кишвар гузаронда нашуд. Корхонаҳо дар давраи шуравии Тоҷикистон бошад дар асоси тақсимоти умумииттифоқии меҳнат ба вуҷуд оварда шуда буд ва бо барҳам хурдани Иттифоқи Шӯравӣ корхонаҳои саноатӣ дигар имконияти фаъолият карданро надоштанд. Аввалан манбаъҳои ашёи хом ва бозорҳои фурӯш дигар дар шаклу ҳаҷми пештара вуҷуд надоштанд, аз тарафи дигар, корхонаҳо бо технологияи ба талаботи имрӯзаи иқтисодиёти бозорӣ ҷавобгӯй набуданд ва маҳсулоти рақобатпазири истеъмолкунандагонро истеҳсол карда наметавонистанд. Баъзе чорабиниҳои гузарондаи натавонистанд пеши роҳи аз фаъолият мондани аксари корхонаҳои саноатии алакай вуҷуд доштаро гиранд. Дар натиҷа дар иқтисодиёти Тоҷикистон деиндустриализатсия ба вуҷуд омад, ки барои барҳам додани иллатҳои деиндустриализатсия ва ҷоннок кардани истеҳсолоти саноатӣ реиндустриализатсия зарур аст, то ки барои самаранок гузарондани маъракаи неоиндустриализатсия ва гузариш ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёти кишвар шароитҳо фароҳам оварда шаванд.

Барои гузаронидани чорабиниҳои реиндустриализатсияи иқтисодиёт таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ дар амалӣ намудани навоварӣ, истеҳсолоти илмталаб натиҷаҳои назаррасро соҳиб гаштаанд. Бинобар ин дар онҳо афзоиши иқтисодии баланд аст ва дар истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир муваффақият ба даст овардаанд. Таҳлили ҳолати ҷойдошта дар ин мамлакатҳо имконият медиҳад, ки барои гузаронидани реиндустриализатсияи иқтисодиёт баъзе типҳои стратегии рушди инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани истеҳсолоти илмталабро барои истифода кардан дар шароити Тоҷикистон ҷудо намоем.

Якум, стратегияи истифода намудани потенсиали илмӣ-техникии хориҷӣ ва гузарондани навоварӣ ба иқтисодиёти худӣ ба воситаи системаи корхонаҳои муштарак ва инвеститсияҳои бевосита. Бо ин восита мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ ба корхонаҳи муштарак ва ба объектҳои бевосита инвеститсияи худро гузоштаашон технологияҳои пешрафтаи муосирро ворид карданашон мумкин аст.

Дуюм, стратегияи «азонихудкунӣ» ба мисли он, ки дар заминаи қувваи коргарии арзон ва истифодаи қисми потенсиали илми-техникии худӣ таъмин намудани истеҳсоли маҳсулоте, ки пештар дар мамлакатҳои мутараққӣ истеҳсол карда мешуд. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки дар заминаи «азонихудкунӣ» минбаъда дигаргунсозиҳои технологӣ гузаронида кадрҳои илмӣ-техникии худӣ дар корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонии ватанӣ зиёд

гарданд. Ин стратегия, масалан, дар Япония, мамлакатҳои навиндустриалӣ, Хитой ва баъзе мамлакатҳои Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ қабул шудааст.

Сеюм, стратегияи «зиёднамоӣ», яъне истифода кардани потенсиали илмӣ-техникии худӣ, ҷалб намудани олимон ва конструкторони ватанӣ, интегрironии илми фундаменталӣ ва амалии ватании худӣ имконият медиҳад, ки технологияи баланди худии ватанӣ сохта шавад. Дар натиҷаи истифодаи технологияи баланди худии ватанӣ, ки дар истехсолот ва соҳаи иҷтимоиёт амалан ҷорӣ кардашуда мебошад, истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазир роҳ ёфта метавонад. Инро дар мамалкатҳои мутараққии иқтисодии ҷаҳон риоя мекунанд ва ба мо ҳам зарур аст, ки ин стратегияро истифода карда тавонем.

Амалӣ кардани табадулоти реиндустриализатсияи иқтисодиёти кишвар ва гузаштан ба аз нав индустриаликунонии иқтисодиёт, яъне неоиндустриализатсияи иқтисодиёт ба он нигаронда шудааст, ки бо истифодаи дастовардҳои инноватсионии муосир қувваҳои истеҳсолкунандаи сифатан нав, технологияи сатҳи баланди бо системаи мошинии автоматикунондашуда алоқаманд сохта шаванд. Бо ин мақсад дар навбати аввал ба ташкил ва рушд додани соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти мошинсозии ватании худӣ бояд роҳ кушоем, ки имконияти истеҳсол кардани арзишҳои истеъмолии илмталаби таъиноти ҳам саноатӣ ва ҳам истеъмолиро дошта бошанд.

Дар айни замон дастовардҳо дар соҳаи мошинсозии технологияи баланд, электроника ва самаранокии энергетикӣ омилҳои муҳимтарини рушди инноватсионӣ мебошанд. Онҳо асоси неоиндустриализатсияи мамлакат ва сатҳи пешравии иқтисодиёти вай мебошанд. Мошинсозӣ бошад дар навбати худ сохтани воситаҳои истеҳсолоти ҳосилнокиашон баландтаринро таъмин мекунад, ки онҳо асоси рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллии кишвар мебошанд. Махсусан рушди саноати электронӣ пеш меравад, ки вай асоси рушди инноватсионӣ дар марҳилаи иқтисодиёти ахборотӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки барои бартараф кардани ҳолати деиндустриалӣ, гузарондани реиндустриализатсия ва рушд додани неоиндустриализатсияи мамлакат ба умеди дастовардҳои инноватсионии хориҷӣ, воридоти техника ва технологияи беруна шудан нодуруст аст. Бояд ба назар гирифт, ки станок ва дигар таҷҳизотҳои аз хориҷа харид шуда барои баровардани моли рақобатпазир фарсуда мешаванд ва боз аз нав харидан лозим мояд, ки ин вобастагиро аз техника ва технологияи хориҷа доимӣ мекунад. Дар навбати худ ба он ақида розӣ шудан мумкин нест, ки мамлакати мо дар соҳаи мошинсозӣ қафомонда аст ва барои вай назар ба коркард ва истеҳсоли техника ва технологияи пешқадами муосири худӣ харидани маҳсулоти мошинсозӣ аз хориҷа хеле фоидаовар аст. Ин, аз як тараф, ҳеҷ гоҳ ягон мамлакат техника ва технологияи пешқадаму нави худро ба дигарон нафурӯхтааст ва намефурӯшад, яъне бо дасти худ ба худаш дар бозор рақиб намесозад, бозоррашро аз даст додан намехоҳад аз тарафи дигар, аз қувваи бузурги интеллектуалӣ, эҷодӣ ва созандагии мардуми ватанамон истифода накардан ношукрӣ аст. Таҷрибаи бойи СССР дар солҳои барқарорсозии Ҳокимияти Шӯравӣ, Япония ва Германия дар солҳои барқарорсозии баъди ҷанги дуюми ҷаҳон, мамлакатҳои навиндустриалӣ дар

солҳои 60-70-ми асри 20, Ҷумҳурии Халқии Хитой дар солҳои 80-90-ми асри 20 мисол шуда метавонанд, ки дар рушди индустриалӣ кафомонда буданд, вале мошинсозии ватании худро ба роҳ монданд ва бо тезӣ на танҳо ба мамлакатҳои индустриалӣ табдил ёфтанд, балки содиркунандаи техника ва технологияи пешқадами муосир гаштанд.

Бо назардошти ин ҳама чораҳоро дидан зарур аст, ки самти дигаргунсозиҳои Тоҷикистони имрӯзаро дар роҳи гузаштан ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёт дигар карда тавонем. Дар ихтиёри мо вақти зиёд нест, то ки мамлакати пешрафтаи саноатии соҳиби технологияи баланди муосир шуда тавонем ва имконияти истехсол кардани мошинаҳо барои ҳамаи соҳаҳои истеҳсолию хизматрасонии ватанӣ зарур буда гардем. Бояд бо тезӣ сиёсати саноатиро бо максади ҳамаҷониба рушд додани саноати коркардабарорӣ равона гардонда тавонем, рушди истеҳсолоти илмталабро дар соҳаҳои саноат таъмин намоем, то ки барои коркарди ашё ва гирифтани махсулоти ниҳоии тайёри саноатии ватанӣ шароит фароҳам оварда шавад. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи иқтисодии ҷаҳон нишон медиҳад, ки маҳз базаи индустриалӣ асоси фундаменталии моддии рушди ҷараёнҳои технологияи баланди муосир, масалан, инноватсияҳои пионерӣ, ба монанди системаҳои ахборотии навтарин, биотехнология, нанотехнология мебошад [9].

Бо назардошти ин таъкид кардан мумкин аст, ки фақат неоиндустриализатсия, яъне индустриализатсияи нави иқтисодиёти мамлакат имконият медиҳад, ки асоси илмӣ-тхникӣ ва технологияи баланд сохта шавад, рушди иқтисодиёти илмталаб ва инноватсионӣ таъмин карда шавад. Дар айни замон бартараф кардани характери ашёвии иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатпазирии вай дар асоси ҷорӣ кардани технологияи навтарин маънои модернизатсияи иқтисодиётро дорад. Аз ин нуқтаи назар дар марҳилаи неоиндустриализатсияи иқтисодиёти ҳозираи кишвар таъмин кардани модернизатсияи инноватсионӣ зарур мегардад, ки куллаи баланди тағйир додани системаи иқтисодии мамлакат бо дигаргунсозиҳои технологии муосир мебошад.

Рушди иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ бе илми ватанӣ шуда наметавонад. Бо вуҷуди душвориҳои молиявии давраи гузариш ба рушд додани ин соҳа дар Тоҷикистон корҳои зиёде карда мешаванд. Вале мутаасифона таҷриба нишон медиҳад, ки ба илм маблағҳои ҷудо шуда нокифоянд ва аз ин рӯй натиҷаҳои дилхоҳро намедиҳанд. Бинобар ин барои таъмини дигаргунсозиҳои иқтисодиёти Тоҷикистон дар роҳи гузаштан ба модели рушди индустриалӣ-аграрӣ зарур аст, ки корҳои фаъол ва ҷиддиро оид ба рушд додани самти иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ бурда тавонем. Бо ин мақсад лозим меояд, ки дар сохтори иқтисодиёти кишвар рушди афзалиятноки соҳаҳои илмталаб бо арзиши иловашудаи баланд, соҳаҳои истехсолкунандаи технологияи пешқадами муосирро ҳамчун самти муҳими лигаргунсозиҳои инноватсионии сохтори иқтисодиёт таъмин намоем.

Дар роҳи гузаштан ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон зарурияти дар навбати аввал дар кишвар таъмин намудани сатҳи

баланди маълумотнокӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, дастгирии рушди илм ва истеҳсолоти илмталаб лозим аст. Дар сиёсати нави саноатии мамлакат ба технологияи пешқадами сатҳи баланд асос ёфта, сохтани техникаи насли нави ба рақобатпазирии бошидати бозорӣ тоб оваранда рӯй овардан шарти муҳим мегардад. Бо назардошти ин дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба душвориҳои давраи гузариш оид ба сохтан ва рушд додани иқтисодиёти рақобатпазири индустриалии инноватсионӣ бо дигаргунсозиҳои технологии иқтисодиёт корҳои муайяни зарурӣ карда мешаванд.

Бояд таъкид намоем, ки вақте мамлакати қафомонда мегуем, пас, пеш аз ҳама, мардуми вай қафомонда аст. Бинобар ин мардуми мамлакатҳои қафомонда на танҳо техника ва технологияи нав сохта наметавонанд, балки техника ва технологияи нави аз беруна ворид шударо истифода бурда наметавонанд. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки дар мамлакатҳои қафомонда одамон асосан тафаккури деҳқонӣ доранд ва дар фоъолияти кории худ бо меҳнати дастии аграрӣ машғуланд. Истифодаи техника ва технологияи пешқадам барои онҳо бегона аст. Барои ҳамин аксари онҳо бе касбу ҳунаранд ва ҳатто саводи дуруст надоранд. Сохтан он тараф истад, ҳатто дар истифода бурда тавонистани техника ва технологияи муосир ба душвориҳо дучор мегарданд.

Дар роҳи сохтани модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёт зарур аст, ки дигаргунсозиҳои технологии иқтисодиёти Тоҷикистонро таъмин карда тавонем. Бо назардошти ин истеҳсолоти саноатиро рушд додан лозим меояд, то ки одамон бо тафаккури саноатӣ кору зиндагӣ карданро ёд гиранд, бо истеҳсоли молҳои тайёри рақобатпазири саноатии ватании худӣ дар асоси истифодаи технологияи баланди истеҳсоли ватании худӣ дилпурона дар бозорҳои дохилӣ ва беруна мавқеи муайяни худро ёфта тавонанд. Таҷрибаи таърихии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки танҳо саноати коркардабарорӣ метавонад одамонро аз ду касалии бузург – хуруфотпарастӣ ва ғуломӣ табобат намояд, яъне одамон аз хуруфотпарастӣ ва ғуломӣ раҳо ёбанд. Бинобар ин дар роҳи гузаштан ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон рушд додани иқтисодиёти рақобатпазири индустриалии инноватсионӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, барои гузаштан ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон лозим меояд, ки дар навбати аввал дар ҳаллӣ масъалаҳои асосии зерин корҳо карда тавонем.

Якум. Дар ҳалли масъалаҳои таъмини модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон бо истифодаи таҷрибаи бойи мамлакатҳои пешрафта бояд ҷаҳиш намоем. Корҳои то мо дар муддати солҳо ҳаллӣ худро ёфта акнун бояд дар Тоҷикистон бо истифодаи мутахассисони арзандаи ватанӣ дар муддати кутоҳтарин ҳалу амалӣ гарданд, чуноне дар Япония, мамлакатҳои навиндустриалӣ, Хитой ва дигар мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодӣ карда истодаанд.

Муҳимияти чунин роҳи ҳалли масъала дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 хеле ба маврид таъкид шудааст: “бо дарназардошти аҳамияти

соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад" [10].

Дуюм. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дар рушди индустриалии инноватсионии иқтисодиёти онҳо омили муҳимтарин – омили инсонӣ мебошад. Маҳз одамон бо донишу малакаи балнди худ тавонистанд муъҷизаҳои ҳайратоварро офаранд ва сатҳи баланди технологияи иқтисодиёти ватании худро таъмин намоянд. Бо ин мақсад ба баланд бардоштани потенсиали интеллектуалии одамон диққати аввалиндараҷа додан лозим мегардад, чунки дар рушди иқтисодиёти индустриалӣ-аграрии мамлакат самаранокии потенсиали интеллектуалии инсонӣ хеле баланд аст.

Сеюм. Модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон бояд ба истеҳсолоти илмталаб, сиёсати нави саноатии ба технологияи пешқадам асос ёфта, сохтани техникаи насли нави дорои рақобатпазирии баланд буда нигаронда шуда бошад. Бинобар ин барои таъмини сифатнокии пешрафти иқтисодӣ зарур аст, ки корҳои фаъол ва ҷиддиро оид ба рушд додани самти иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ бурда тавонем. Бо ин мақсад лозим меояд, ки дар сохтори иқтисодиёти кишвар рушди афзалиятноки соҳаҳои илмталаб бо арзиши иловашудаи баланд, соҳаҳои истехсолкунандаи технологияи пешқадами муосирро ҳамчун самти муҳими лигаргунсозиҳои инноватсионии сохтори иқтисодиёт таъмин намоем.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки барои ҳалли масъалаи муҳими рушд додани самти иқтисодиёти индустриалии инноватсионии дорои технологияи баланд дар таркиби омилҳои рушди иқтисодиёти кишвар афзоиш ва тезондани пешрафти илмӣ-техникӣ, маблағгузорӣ ба капитали асосӣ ва инсонӣ, инноватсия бояд афзалият дошта бошанд. Бинобар ин дар марҳилаи ҳозираи гузариш ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёт дар сохтори иқтисодиёт бояд тағйири тамоил ба рушди инноватсионӣ, истеҳсолоти илмталаб ва дорои технологияи баланд карда тавонем.

**Адабиёт**

1. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23 апрели соли 2014. // Ҷумҳурият. – 2014. – 24 апр.
2. Рауфи А. Устойчивое развитие экономики Таджикистана. // Изв. АН РТ. Сер.: экономика. – 2007. - № 3-4. – С 92..
3. Рауфи А. Бо ваҳдат ба бозор. / Зери таҳрири умумии д.и.и., проф. И.А. Асроров. – Душанбе: «Дониш», 2006. – С. 137-138.
4. Орленко Л. Необходимые условия новой индустриализации и импортозамещения. // Экономист. - -2015. - № 4. – С. 29.
5. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017. // Ҷумҳурият. – 2017. – 22 дек.
6. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017. – Душанбе: АО назди Президенти ҶТ, 2018. – С. 106.
7. Рауфӣ А. Бо афзоиши иқтисодӣ ба тараққиёти инноватсионӣ. // Ахбори АИ ҶТ. Силсилаи: шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2013. - № 4. – С. 26.

8. Сухарев О. Реиндустриализации Россия: возможности и организация. // Экономист. – 2013. - №3. – С. 6-7.
9. Эпштейн Д. Импортозамещение и неоиндустриализация – что необходимо делать. // Экономист. – 2016. - № 2. – С. 25.
10. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26 декабри соли 2018. // Ҷумҳурият. – 2018. – 26 дек.

## НЕИЗБЕЖНОСТЬ ПЕРЕХОДА К ИНДУСТРИАЛЬНО-АГРАРНОЙ МОДЕЛИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

***Абдугаффор Р.***

В статье исследуются вопросы учета реально сложившейся экономической ситуации для перехода к индустриально-аграрной модели экономического развития Таджикистана, путей выхода из процесса деиндустриализации и проведения реиндустриализации и неоиндустриализации. Обоснована необходимость создания отечественного машиностроения и предложены пути обеспечения развития индустриальной инновационной экономики. Определены методы решения основных вопросов перехода к индустриально-аграрной модели экономического развития.

**Ключевые слова:** индустриально-аграрная экономика, деиндустриализация, реиндустриализация, неоиндустриализация, машиностроение, инновация.

## INEVITABILITY OF TRANSITION TO THE INDUSTRIAL-AGRARIAN MODEL OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN

***Abdugaffor R.***

The article examines the issues of taking into account the real economic situation for the transition to the industrial-agrarian model of Tajikistan's economic development, ways out of the deindustrialization process and conducting reindustrialization and neoindustrialization. The necessity of creation of domestic machine-building is grounded and ways of maintenance of development of industrial innovative economy are offered. The methods of solving the main issues of the transition to the industrial-agrarian model of economic development are determined.

**Key words:** industrial-agrarian economy, de-industrialization, reindustrialization, neo-industrialization, engineering, innovation.

**Абдуғаффор Рауфӣ -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. E-mail: eco_institute@mail.ru; тел. (+ 992) 918 70 12 18.

**Абдуғаффор Рауфи -** доктор экономических наук, профессор Технологического университета Таджикистана. E-mail: eco_institute@mail.ru; тел. (+ 992) 918 70 12 18

**Abdughaffor Raufi -** Doctor of Economic Sciences, Professor of the Technological University of Tajikistan. E-mail: eco_institute@mail.ru; ph. (+ 992) 918 70 12 18.

***УДК 338.24***

# МЕТОДИКАИ ТАШАККУЛИ ФОНДҲОИ АСОСИИ ИСТЕҲСОЛӢ

***Самандаров И. Ҳ., Каримова У. Р.***

Дар мақолаи мазкур моҳияти методикаи ташаккули фондҳои асосии истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, хусусият ва аҳамияти калони онҳо дар иштироки такрористеҳсолии кишоварзӣ дарҷ гардидааст.

**Калимаҳаи калидӣ:** низоми мошинҳо, соҳаи кишовазӣ, фондхои асосӣ, такрористеҳсол, агрегати киштукор истеҳсоли маҳсулот, такрористеҳсоли васеъ, такрористеҳсоли оддӣ ва ғайра.

Раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳангоми робитаи доимӣ ва барқарорсозӣ дар марҳилаҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмол пайваста сурат мегирад. Такрорёбии он дар ҳамаи ин марҳилаҳо такрористеҳсоли ҷамъиятӣ мебошад. Такрористеҳсол метавонад оддӣ бошад, ки дар он сурат ҳаҷми такрористеҳсол тағйир намеёбад, ё ки метавонад васеъ бошад бо афзоиши пайвастаи ҳаҷми такрористеҳсол ва танг бошад, ки дар мавриди он ҳаҷми такрористеҳсол тамоили пастравӣ дорад.

Хусусияти фарққунандаи раванди такрористеҳсоли васеъ ин афзоиши маҷмӯи маҳсулоти иҷтимоӣ, воситаи истеҳсолот, қувваи корӣ ва муносибатҳои мавҷудаи истеҳсолӣ мебошанд. Ҳамин тавр, такрористеҳсоли фондҳои асосии истеҳсолӣ қисми асосии такрористеҳсоли ҷамъиятӣ мебошад. Таҳвили арзиш, ки бо сабаби фондҳои асосии истеҳсолӣ дар ҷараёни истифодабарӣ ба маҳсулоти офаридашуда аз даст рафтаанд, дар намуди маблағи амортизатсия сурат мегирад, ки мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи амортизатсия (истеҳлок) амалӣ мешаванд.

Ҳангоми такрористеҳсоли оддии фондҳои асосии истеҳсолӣ ҳисоби солонаи истеҳлокӣ (амортизатсионӣ) дар нархҳои мӯътадил ба ҳаҷми солонаи фарсоиши воситаҳои асосӣ баробар мебошанд. Ҳангоми такрористеҳсоли васеъ воридоти фондҳои асосии истеҳсолӣ аз ҳаҷми солонаи фарсоиши онҳо зиёд аст. Такрористеҳсоли васеи фондҳои асосии истеҳсолӣ дар шакли сохтмони нав, таҷдид ва васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда ва муҷаҳҳазгардонии онҳо сурат мегирад.

Ҳангоми такрористеҳсоли танг ҳаҷми фарсоиши фондҳои асосии истеҳсолӣ аз ҳаҷми воридоти охирин зиёдтар аст.

Ҳангоми иқтисодиёти маъмурӣ-хоҷагидорӣ фондҳои асосии истеҳсолӣ дар асоси таснифот ва дурнамои рушди корхона, яъне аз рӯи принсипи технологӣ ташаккул ёфтаанд. Дар саросари кишвар бо сатҳи таъминнокии техника масъалаи расида гирифтани кишварҳои тараққиёфта истодааст.

Ислоҳоти корхонаҳои кишоварзӣ, хусусигардонии замин ва молу мулк боиси ташкили сохтор ва муносибатҳои нав дар иқтисодиёт гардидаанд. Мутаассифона, дар ин раванд миқдори зиёди корхонаҳои кишоварзӣ қисми зиёди нерӯи захиравӣ, ва дар навбати аввал, воситаҳои асосии истеҳсолотро аз даст додаанд. Маҳз аз ин рӯ, имрӯзҳо барои рушди самараноки шаклҳои гуногуни корхонаҳои кишоварзӣ барқарорсозии пойгоҳи вайронаи иқтидори захиравӣ, инчунин хариди техника ва таҷҳизоти нав зарур аст, ки ин ба пешбарандаи истеҳсолоти кишоварзӣ бо роҳи технологияи муосири инноватсионӣ имконият медиҳад.

Дар муқоиса бо ҳамон давраи гузашта тартиби ташаккули фондҳои асосии истеҳсолӣ тағйир ёфт – тақсимоти муттамаркази онҳо барҳам хурд, ва ҳар як корхона худаш қарор мекунад, чи, дар куҷо ва дар кадом шароитҳо харидорӣ намояд.

Дар ниҳояти кор, фондҳои асосии истеҳсолии хоҷагиҳо бояд ба сохтори истеҳсолии корхона, махсусгардонии он ҷавобгӯ бошанд, сатҳи баланди сермаҳсулгардонӣ (интенсификатсия) ва рушди инноватсиониро таъмин намоянд.

Ба чунин талаботҳо низоми мошинҳо ҷавобгӯ мебошанд, ки ба шароити маҳалӣ, минтақавии корхона мутобиқ буда, асоси пешбурди тамоми истеҳсолоти кишоварзӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, низоми мошинҳо қисми фаъоли фондҳои асосии истеҳсолӣ ба шумор рафта, иборат аз ду қисми асосӣ мебошад:

1. Мошинҳои энергетикӣ (баҳаракатоваранда) ва мошинҳои корӣ (коркарди предмети меҳнат).

Низоми мошинҳо ҳамчун маҷмӯи зинаҳои муайян ташаккул меёбад, дар расми 1. Оварда шудааст.




**Расми** 1 - Зинаҳои низоми мошинҳо

Маҳз зинаи чорум низоми мошинҳои кофӣ ва анҷомёфтаи корхонаи кишоварзӣ ба шумор меравад, ки зери он маҷмӯи мошин ва олотҳои гуногун, вале мутақобилан пуркунандаро дарк мекунанд, ки механиконии комплексии ҳамаи корҳоро мувофиқи намудҳои асосӣ ва дигар намудҳои фаъолияти бо ҳам марбутро таъмин намояд.

Ҳангоми ташаккули низоми мошинҳо корхонаҳо бояд аз рӯи он амал кунанд, ки ин низом дар ниҳояти кор бояд ба талаботҳои зерин мувофиқ бошанд:

- мувофиқ будан ба хусусиятҳои биологӣ ва агротехникии парвариши зироатҳои кишоварзӣ, технологияи пешрафт ва ташкили истеҳсолот;

- таъмин намудани иҷрои саривақтӣ ва баландсифати корҳои механиконӣ;
- нигоҳдорӣ ва баландбардории ҳосилхезии хок;
- паст намудани хароҷоти меҳнат ва маблағҳо барои воҳиди корҳои иҷрошаванда, истеҳсоли маҳсулот, беҳтар намудани шароити меҳнат ва баланд бардоштани маҳсулнокии он.

Ба ғайр аз ин, хусусиятҳои умумии такмилдиҳии техника бояд ба инобат гирифта шаванд:

- беҳтар намудани хусусиятҳои техникӣ ва истифодабарии ҳар як мошин дар алоҳидагӣ (осон гардонидани идоракунӣ, автоматонии амалиётҳои аз нав дурусткунии техника, истифодаи бештар васеи асбобҳо, кам кардани шумораи кормандон, баланд бардоштани маҳсулнокӣ);
- махсусгардонии мошинҳои энергетикӣ ва корӣ;
- рушди хосияти чандирии мошинҳо, комплекҳо ва низоми онҳо;
- тавсеаи номгӯи (хелҳои) низоми мошинҳо;
- баландбардории самаранокии иқтисодии ҳар як мошин дар алоҳидагӣ ва тамоми низом.

Самтҳои мақсадноки мавҷуда дар таъсис ва татбиқи мошинҳои нав инчунин ба инобат гирифта мешаванд:

- баланд бардоштани иқтидори ягонаи энергетикӣ, борбардории нақлиёт, имконияти гузарониши мошинҳои ҳосилғундорӣ;
- афзоиши мошинҳои кории пайвастшаванда ва овезон;
- сохтани мошинҳое, ки метавонанд бо суръати баланд фаъолият намоянд;
- ошкор ва бартараф намудани «ҷойҳои маҳдуд» дар механиконии равандҳои кории алоҳида ва бо ҳам алоқаманд;
- такмилдиҳии миқдорӣ ва сифатии пайвасти пайвандҳои низоми мошинҳо (рушди зерсистемаҳои мошин);

Ҳангоми ташаккули фондҳои асосии истеҳсолӣ манбаҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Аз ҳама асосӣ инҳо мебошанд:

- маблағҳои худии корхонаҳо дар асоси даромад ва маблағи амортизатсионӣ;
- маблағҳои қарзӣ;
- маблағҳои ҷалбшуда ва ғара.

Манбаҳои ташаккули воситаҳои асосии истеҳсолиро ба таври муфассал баррасӣ менамоем.

Маблағҳои худии корхонаҳо асосан аз даромади соф ва истеҳлок (амортизатсия) иборат аст. Аз ин рӯ манбаҳои дохила аз даромади тақсимнашаванда, захираи амортизатсионӣ, сармояи худӣ иборат аст, ки дар натиҷаи фурӯхтани молу мулк ва ғайра, ба даст омадааст. Дар давраи тоислоҳотӣ маблағҳои худии корхона дар раванди ташаккули фондҳои асосии истеҳсолӣ нақши муҳимро мебозиданд. Дар натиҷаи сатҳи пасти таваррум ва даромаднокии баланди истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, аз ҳисоби маблағи

амортизатсия корхонаҳо такрористеҳсоли оддиро таъмин мекарданд, аз ҳисоби қисми даромад бошад, такрористеҳсоли васеъро таъмин мекарданд.

Мутаассифона, дар вақтҳои охир вазъият ба таври қатъӣ тағйир ёфт. Аксарияти хоҷагиҳои имрӯза камдаромад мебошанд, аз ин рӯ онҳо на танҳо барои такрористеҳсоли васеъ, ҳатто ба такрористеҳсоли оддӣ маблағ надоранд. Азбаски даромад нест, корхонаҳо барои харидани фондҳои асосии истеҳсолӣ фоидаи фурӯшро истифода мебаранд.

Дар шароити бӯҳрони аграрӣ истеҳлок (амортизатсия) дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун манбаи сармоягузорӣ суст истифода бурда мешавад. Бештари вақт маблағи амортизатсия барои пӯшонидани хароҷотҳои зарурии ҷорӣ истифода бурда мешавад. Ин вазифаи асосии истеҳлоки (амортизатсияи) барқарорсозии воситаҳои асосиро тағйир медиҳад.

Дар давраи баъд аз Шӯравӣ аз ҳисоби амортизатсия корхонаҳо метавонистанд то 40%-и сармоягузориҳои худро маблағгузорӣ намоянд, дар шароити имруза бошад на беш аз 10% -ро.

Ҳамин тавр, амортизатсия (истеҳлок) аз иҷрои вазифаи иқтисодии худ дар раванди истеҳсолот бозмонд ва танҳо дар манипулятсияҳои муҳосибӣ бо арзиши аслии маҳсулот ва даромад фаъолият мекунад. Дар ин шароит корхонаҳо ҳаҷми маблағи амортизатсияро бо мақсади паст кардани арзиши аслии маҳсулоти ниҳоӣ ва гирифтани ҳадди даромад паст мекунанд. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии деҳот оид ба андоз барои даромад имтиёзҳо доранд ва ба онҳо, бешубҳа ба фоидаи зиёд аст, ки ин ба ҳал намудани мушкилоти таҳкими пойгоҳи истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ имконият медиҳад.

Дар назари аввал, каме паст кардани маблағи ҷудошуда ба фонди амортизатсия дар ҳар ҳол имконияти корхонаро барои такрористеҳсоли васеъ тангтар мекунад.

Хулоса, миқдори даромад дар ин ҳолат меафзояд, пас ба корхона лозим меояд, ки ҳиссаи онро (бе андозбандӣ то 50%) ба рушди базаи худии истеҳсолӣ, инчунин ба маблағгузории сармоягузории истеҳсолот ва сохтмони манзил бо тартиби иштироки ҳиссагӣ, аз ҷумла пардохти қарзи бонк, ки баҳри ин мақсад гирифта ва истифода карда шудааст (ба шарти истифодаи пурраи маблағи фарсоиш (амортизатсия) аз ҷониби онҳо ба санаи охирин ҳисоботӣ) равона намояд.

**Адабиёт**

1. Асланов Л. Правовые основы машинно-технологических станций // Экономика сельского хозяйства России. 2011. №6. с.39.
2. Бабаева З. Ш. Основные направления совершенствования механизма амортизации основных средств в современных условиях // Экономические науки. 2007. - № 8. с. 314−319.
3. Мадаминов А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (Состояние и перспективы). – Душанбе, 2006. – 228с
4. Медведев В.В. Особенности учета основных средств в сельском хозяйстве//Бухгалтерский учет. 2000 г.

5. Возмещение основных фондов в условиях интенсификации // В.П. Красовский, Р.З. Акбердин, В.А. Штанский и др. / Под ред. В.П. Красовского и др. М.: Экономика, 1986. - 223 с.
6. Еремеева Т.А. Характеристика основных производственных фондов / Т.А. Еремеева, М.С. Егорова // Молодой ученый. - 2015. - №11.4. - С. 119-121.

## МЕТОДЫ ФОРМИРОВАНИЯ ОСНОВНЫХ ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ ФОНДОВ

***Самандаров И. Х., Каримова У. Р.***

**Аннотация:** В данной статье раскрыта сущность методологии формирования основных производственных фондов в сельскохозяйственных предприятиях, их сущность и значение в участии воспроизводства сельского хозяйства.

**Ключевые слова:** машинная система, сельское хозяйство, основные фонды, воспроизводство, сельскохозяйственная техника, крупномасштабное воспроизводство, простое воспроизводство и т д.

## METHODS OF FORMING FIXED ASSETS

***Samandarov I. H. Karimova U. R.***

**Anatotion:** The article reveals the essence of the methodology for the formation of fixed assets in agricultural enterprises, their essence and significance in the participation of agricultural reproduction.

**Key Words:** machine system, agriculture, fixed assets, reproduction, agricultural machinery, large-scale reproduction, simple reproduction, etc.

**Маълумот дар бораи муаллифон**:

**Самандаров Искандар Ҳусейнович** – д.и.и., профессор ноиби ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Тел: 93 416 00 43;

**Каримова Умеда Раҳматуллоевна** – унвонҷуи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. Тел: 918 82 40 94.

**УДК: 338.49.(76)**

# НАҚШИ САЙЁҲӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Хушвахтзода Қ. Х., Арзиқулов Ш. Д.***

**Аннотатсия:** мақолаи мазкур фарогири якчанд таҳлилҳо оид ба нақши соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба иқтисодиёти мамлакат буда, оиди то кадом андоза тараққӣ намудани иқтисодиёти мо дар ҳолати рушди соҳаи сайёҳӣ якчанд таҳлилҳо оварда шудааст.

**Калимаҳои калидӣ**: сайёҳӣ, механизм, сармоягузорӣ, иқтисодиёт, СУС, даромад, молия, деҳот.

Дар ҷаҳони муосир рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҳар як кишвар ба пешрафти иқтисодиёти он вобастагӣ дорад ва яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи мавқеъ ва нуфузи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Агар таъмини амнияти озуқаворӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак, рушди соҳаи

соҳибкорӣ омилҳои муҳими пешрафти иқтисодиёти миллӣ ба шумор раванд, пас соҳаи сайёҳӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати инкишофи он нақши заруриро касб намояд. Илова ба ин дар шароити гуногунрангию пуртазоди муносибатҳо ва сиёсати ноустувори иқтисодии ҷаҳонӣ ҳар як кишвар дар ҳолате метавонад вобаста ба ташкили иқтисодиёти худ истодагарӣ намояд, ки агар заминаҳо ё таҳкурсии устувории иҷтимоии иқтисодӣ ва маънавӣ дошта бошад. Маврид ба зикр аст, ки Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 аз қатори ҳамин заминаҳо ва воситаи расидан ба иқтисодиёти иҷтимоии устувор мебошад. Чунончӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017) иброз намуданд, ки «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравандˮ». Сайёҳӣ ё истилоҳоте, ки маъмулан истифода мебаранд, сайёҳӣ-падидаи мураккаби иқтисодию иҷтимоиву фарҳангии замони муосир буда вобаста ба беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ рушд меёбад. Бахши сайёҳӣ чун дигар соҳаҳои хоҷагии халқ тағийрёбанда буда навгониҳои ҳаёти муосирро таҷассум мекунад. Дар адабиёти илмии муосир мафҳуми сайёҳӣ ба тарзҳои гуногун маънидод гардидааст. Мафҳуму моҳияти сайёҳӣ аз ҷониби олимони гуногун ба монанди Кварталнов В.Р., Зорин И.В., Жукова М.А., Сенин А.П., Муҳаббатов Х., Диловаров Р., Ёваров Ҷ. ва ғайраҳо таҳқиқ гардидааст.[1]

Аз гуфтаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёти мамлакат як қисми ҷудонашаванда буда, дар баробари ин ба ҳаммаи соҳаҳои дигари мамлакат, аз он ҷумла: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, динӣ ва ғайра таъсири мусбӣ мерасонад. Инчунин сайёҳӣ як механизм барои ҷалби сармоя ба иқтисодиёти мамлакат хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Имрӯз мавзӯи сайёҳӣ на танҳо дорои моҳияти минтақавию ҷумҳуриявӣ, балки дорои моҳияти байналмиллалӣ буда, дар тамоми давлатҳои ҷаҳон нақши хосаро иҷро менамояд. Ҳамчунин, ҷиҳатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва экологии сайёҳӣ ба касе пӯшида нест.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Шароити гуногуни табиӣ, мавҷудияти ёдгориҳои таърихию меъморӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро инкишоф дода, дар бойу ғанӣ гардонидани буҷаи давлати соҳибистиқлоламон ва беҳтар гардонидани некуаҳволии мардуми кишвар саҳми худро гузорем.

Мақсади асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ таъмини шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои ташкили самараноки субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имкониятро барои қонеъ гардонии талаботи шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ ба хизматрасонии гуногун ва сифатнокии ин соҳа таъмин мекунад.

Боиси фарахмандӣ ва сарфарозист, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, беҳтар гардидани симои сайёҳии Ватанамон дар арсаи байналмилалӣ ва ҷалби сармоя ба инфрасохтори соҳа солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардид ва тибқи Нақшаи чорабиниҳои “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, ки аз ҷониби Пешвои миллат тасдиқ гардидааст, чорабиниҳои сатҳи миллию байналмилалӣ мунтазам гузаронида шуда истодааст.

Дар пайи дастгириҳо ва имтиёзҳои пешбининамудаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳавасмандии бахши хусусӣ барои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ зиёд гардида, дар ин давра аз ҷониби Комиссияи иҷозатномадиҳии фаъолияти сайёҳии Кумитаи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд маротиба ҷаласаи ниҳоди мазкурдоир гардида, бо ризояти он ба зиёда аз 44 ширкати сайёҳӣ иҷозатномаи фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ дода шудааст.[2]

Аз ин лиҳоз, фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва дастгирии давлатии онҳо барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Васеъ намудани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва инчунин барои таъмини устувории ин соҳа дар ҷомеа дар айни ҳол бисёр ба маврид аст.

Соли 2019 шумораи сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон ташриф оварданд, аз марзи 1 миллион нафар убур кард.

Ҳамасола 27 сентябр дар саросари ҷаҳон Рӯзи умумиҷаҳонии сайёҳӣ таҷлил мегардад. Ин сана дар саросари ҷаҳон аз соли 1979 ҷашн гирифта шуда, ҳадафи он тарғибу ташвиқи сайёҳӣ, инъикоси бахши сайёҳӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва тақвияти робитаҳои дӯстиву ҳамкорӣ байни кишварҳо ва халқиятҳои гуногуни олам мебошад.

Дар робита ба ин мавзӯъ сардори бахши муносибатҳои байналмилалии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомназар Имомзода дар суҳбат бо АМИТ «Ховар» чунин иброз дошт:
— Бунёди роҳҳо, пулҳо, иншооти гуногуни хизматрасонӣ ва, аз ҳама муҳим, таъмини сулҳу амният дар ҳама манотиқи мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ сабаби бавуҷудоӣ ва рушди самти нав дар иқтисодиёт — соҳаи сайёҳӣ гардид. Барои таҳким бахшидани пояҳои ҳуқуқии соҳа ва шароит фароҳам овардан барои рушди сайёҳӣ соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» қабул шуд.

Ҳамзамон барои равнақ додани соҳаи сайёҳӣ ва баланд бардоштани саҳми он дар иқтисодиёти мамлакат бо пешниҳоди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 Кумитаи кор бо ҷавонон ба Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Ин тасмим имкон дод, то таваҷҷуҳ ба соҳаи сайёҳӣ боз ҳам бештар гардида, сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шавад.

Кӯшишу талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Пешвои миллат барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ дастгирӣ ёфт ва соли 2007 дар ҷаласаи 17-уми Ассамблеяи генералии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ин созмони бонуфузи байналмилалӣ гашт.

Соли 2009 «Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2019» қабул гардид, ки самтҳои асосии рушди сайёҳиро дар мамлакат барои 10 соли оянда муайян намуд. Консепсияи мазкур ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, тарғибу ташвиқи имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон дар хориҷи давлат ва роҳ ёфтан ба бозорҳои байналмилалии сайёҳӣ такони ҷиддӣ бахшид.

Қабули Консепсияи рушди сайёҳӣ, барномаҳои давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ, ҷорӣ намудани низоми раводиди электронӣ барои сайёҳони хориҷӣ ва таъсис додани минтақаҳои сайёҳӣ барои афзоиши шумораи гардишгарон замина фароҳам овард. Дар натиҷа, шумораи сайёҳон соли 2016 нисбат ба солҳои охир ду баробар зиёд гардида, ба 414 ҳазор нафар расид.

Бо мақсади боз ҳам рушд бахшидани соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имконоти мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби ҳарчӣ бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои болаёқат соли 2017 бо пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтори алоҳидаи ваколатдори соҳаи сайёҳӣ – Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Таъсиси Кумитаи рушди сайёҳӣ барои сарзамини сайёҳӣ гаштани Тоҷикистон заминаи хубе ба вуҷуд овард. Дар соли аввали фаъолияти Кумита Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 таҳия ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Стратегияи рушди сайёҳӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии рушди соҳа ҳадаф, вазифа ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳии мамлакатро барои давраи то соли 2030 муайян намуда, ба сифати унсури ташаккули нақшаҳо ва роҳнамои ташаббусҳои соҳибкории шаҳрвандон дар соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ нақши муассир дорад. Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва табдил ёфтани он ба яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат такони ҷиддӣ бахшид. Дар натиҷа, шумораи сайёҳоне, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омаданд, нисбат ба соли 2017 дуюним баробар афзуд.

Илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардиданд. Аз ҷумла, ширкатҳои сайёҳӣ дар панҷ соли аввали фаъолияти худ аз андоз аз фоида озод гардида, воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди иншооти сайёҳӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд. Ин чораҳои ҳавасмандгардонӣ сабаби бунёди инфрасохтори зарурӣ дар тамоми минтқаҳо гардиданд. Мавриди зикр аст, ки дар ҳошияи сафарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва нуқтаҳои хизматрасонии сайёҳон мавриди истифода қарор мегиранд. Масалан, танҳо дар як моҳи охир зимни сафарҳои

Сарвари давлат ба манотиқи мамлакат ду меҳмонхонаи муосир — «Чорчаман Хилс» дар ноҳияи Дарвоз ва «Саразм Плаза» дар шаҳри Панҷакент ба истифода дода шуданд, ки ин ҳам аз таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат ба соҳаи сайёҳӣ ва рушди инфрасохтори он дарак медиҳад.

Бо мақсади вусъат бахшидани иқдомҳои пешин, амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон, рушд додани соҳаи сайёҳӣ ва инкишофи инфрасохтори деҳот аз ҷониби Сарвари давлат солҳои 2019-2021- Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардида, заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа такмил ёфтанд.

Барои рақобатпазир шудани соҳа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос, мутахассисони забондон ва донандаи фарҳангу таърих, роҳбаладҳо, тарҷумонҳо ва дигар мутахассисони соҳа бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъсис ёфт.

Ҳамзамон бо мақсади ҷалби ҳарчӣ бештари сайёҳон ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби сода гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, раводиди навъи сайёҳии бисёркарата дода, муҳлати он то 60 рӯз дароз гардид. Илова бар ин, бо мақсади содагардонии рафтуомади ҳамватанони бурунмарзие, ки зодагони Тоҷикистон мебошанд, низоми раводиди бисёркаратаи сесола ҷорӣ шуд.

Соли 2019 дар Тоҷикистон аввалин маротиба Форум ва Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ баргузор шуд. Дар кори Форум зиёда аз 400 нафар меҳмонон аз 25 кишвари ҷаҳон иштирок намуданд. Форуми мазкур Тоҷикистонро ҳамчун давлати сайёҳӣ ба ҷаҳон муаррифӣ намуд.

Ҳамин иқдому имтиёзҳо ва чорабиниҳои сатҳи баланд сабаб шуданд, ки шумораи сайёҳони ба мамлакат ташрифоварда соли 2019 марзи 1 миллион нафарро гузашта, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ба 220 адад расид. Тоҷикистон сарзамини маҳбуб ва ҷолиби диққати дӯстдорони сайру саёҳати ҷаҳониён гашта, бо симои давлати амну осоишта дар замони соҳибистиқлолӣ дар минтақа беҳтарин ва бештарин имкониятро барои рушди сайёҳӣ соҳиб гардид ва дар раддабандиҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мавқеи намоён касб намуда истодааст. Аз ҷумла, маҷаллаи сайёҳии британии «Wanderlust» Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон эълон кард, шабакаи иҷтимоии «Globe Spots» Тоҷикистонро дар сархати даҳгонаи давлатҳои ҷолиб барои сайёҳони саргузаштӣ ҷой дод. Нашри русии маҷаллаи маъруфи «National Geographic» шоҳроҳи Помири Тоҷикистонро ба 10 роҳи зеботарини дунё шомил намуд, нашрияи «The Independent» пойтахти мамлакат-шаҳри Душанберо ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф намуд. Ҳамзамон Тоҷикистон дар раддабандии Ташкилоти байналмилалии «British Backpacker Society» аз рӯи имкониятҳои саёҳати саргузаштӣ ва пиёдагардӣ ба даҳгонаи аввали давлатҳои беҳтарини ҷаҳон шомил шуда, мавқеи 7-умро ишғол намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳошияи Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии «ITB» Берлин — 2018 маросими супоридани ҷоизаи «100 самти беҳтарин пешоҳангони глобалӣ дар ҳифзи фарҳанги миллӣ, анъана ва ҷалби мардумон ба соҳаи сайёҳӣ дар соли 2018» баргузор гардид. Минтақаи баландкӯҳи Бадахшони Тоҷикистон ба ин садгона ворид шуда, дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси ором ҷои аввалро сазовор шуд.

Соли 2019 аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ шаҳри Душанбе «Пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021» интихоб гардид. «Кохи Наврӯз»-и пойтахти Тоҷикистон ба сифати муъҷизаи муосир муаррифӣ гардида, ба қатори 8 муъҷизаи Созмони Ҳамкории Шанхай пазируфта шуд. Дар назарсанҷии маҷаллаи байналмилалии бонуфузи «Lonely Planet» миёни 10 минтақаи беҳтарини саёҳат ва сафар Шоҳроҳи Абрешими Осиёи Марказӣ дар мақоми аввал қарор гирифт. Ин назарсанҷиро «Lonely Planet» дар нашрияи солонаи худ вобаста ба 10 кишвари беҳтарини саёҳат, шаҳрҳои беҳтарини сайёҳӣ, минтақаҳои беҳтарин ва арзишҳои беҳтарини саёҳат ва сафар арзёбӣ намудааст.

Мавриди зикр аст, ки ташаббусҳои Пешвои миллат дар масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфузи олам эътироф ва пайравӣ гашта истодаанд. Аз ҷумла, иқдоми «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028» аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ бо ҳаммуаллифии 177 кишвар якдилона қабул гардид.

Инчунин эълон гардидани солҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбарҳои баланди Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ низ дастгирӣ ёфта, дар Анҷумани 23-юми Ассамблеяи генералии СУС дар шаҳри Санкт-Петербург соли 2020 Соли рушди сайёҳии деҳот эълон карда шуд. Имрӯзҳо Тоҷикистон на фақат давлати мусоид барои сайёҳон, балки барои сармоягузорон низ мебошад. Созмонҳои байналмилалӣ, шарикони рушд ва ташкилоти гуногун барои сармоягузорӣ ба инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон марок зоҳир намуда, айни ҳол татбиқи якчанд лоиҳаҳои хурду бузург шурӯъ шудааст. Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо Бонки Осиёии Рушд татбиқи лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» ва Бонки ҷаҳонӣ татбиқи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» оғоз гардидаанд, ки барои рушди самтҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамоянд.

Яке аз иқдомҳои беназири Сарвари давлат ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ, посдорӣ ва ҳифзи таърихи бою ғании миллати тоҷик ва муаррифии он ба ҷаҳониён таҷлили 5500 – солагии Саразми бостонӣ мебошад. Шаҳри таърихии Саразм яке аз ёдгориҳои нодири аҳди бостон буда, ба мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дохил гардидааст.

Чуноне Пешвои муаззами миллат зимни суханронии худ дар ҷашнвораи 5500-солагии Саразми бостонӣ таъкид намуданд: «Роҳбарону масъулони шаҳр бояд якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор, аз ҷумла Кумитаи рушди сайёҳӣ доир ба истифодаи самараноки Саразм ҳамчун ёдгории камназири таърихӣ ва дигар

мавзеъҳои нодир бо мақсади ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ, ташкили инфрасохтори муосир, инчунин, бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта барои омода кардани кадрҳо барои қабул ва хизматрасонии сайёҳон чораҷӯӣ намоянд. Хотирнишон менамоям, ки дар сурати дурусту ҳадафнок ба роҳ мондани корҳо дар ин самт шаҳри Панҷакент ва ёдгориҳои нодири онро ба шиносномаи сайёҳии Тоҷикистон табдил додан мумкин аст.

Баргузории чорабиниҳои сатҳи баланд дар мамлакат, ташрифи сарони давлатҳои олам ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ бори дигар аз эътирофи сартосарии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ дарак медиҳад. Беҳуда нест, ки роҳбари вақти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ Толиб Рифоӣ зимни сафараш ба Тоҷикистон ба имконоти сайёҳии давлати мо баҳои баланд дода, Тоҷикистонро «биҳишти кашфношуда» номида буд.

Ин ҳама пешравиҳо ва эътирофҳо туфайли истиқлол ва сулҳу ваҳдат мебошад. Бо боварии комил метавон гуфт, ки Тоҷикистон таҳти сарварии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун давлати озоду обод ва макони мусоид барои рушди сайёҳӣ боз ҳам ҷойгоҳи худро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам менамояд.[3]

Хулоса, соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят нақши пурсазо дорад. Аммо бо назардошти баъзе аз камбудиҳо дар ҷумҳурии мо бисёре аз мавзеъҳои сайёҳӣ самаранок истифода бурда намешавад, ки сабаби асосии ин нарасидани сармоя мебошад. Аз ин лиҳоз мо бояд ҳарчи бештар роҳҳои ҷалби сармоягузориро ба соҳаи сайёҳӣ ва амалисозии онро дар минтақаҳои хусусияти сайёҳидошта зиёд намоем. Чунки шароити ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозои онро менамояд, ки соҳаи сайёҳӣ низ, дар баробари дигар шохаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ривоҷу равнақ ёбад.

**Адабиёт**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе –26. 12. 2019.
2. Барномаи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, Душанбе-2015, таҳти №217.
3. Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. барои солҳои 2009-2019. Душанбе - 02.04.2009, таҳти №202.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» Душанбе аз 19.05.2009, № 5, мод.337.
5. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Аз 25 апрели соли 2018, №231, ш. Душанбе 2018.
6. Абдуалимов А., Қодирова М.И. «Иқтисодиёти сайёҳӣ», дастури таълимию методӣ барои донишҷӯёни донишкадаю донишгоҳҳои олӣ. Душанбе - 2012. 174 саҳ.
7. Диловаров Р.Д., Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н. «Асосҳои сайёҳӣ». Душанбе- 2013.
8. Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н., Гулмирзоев Р.Н. «Иқтисоди бозори сайёҳӣ». Душанбе-2017. 300 саҳ.
9. www.president.tj - Интернет-сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10. www.tourizm.tj -Интернет-сомонаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
11. www.jumhuriyat.tj – Интернет – сомонаи газетаи Ҷумҳурият.

## РОЛЬ ТУРИЗМА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*Хушвахтзода К. Х., Арзикулов Ш. Д.*

**Аннотация:** Статья содержит ряд анализов роли туризма в Республике Таджикистан и его влияния на экономику страны, а также дает анализ в которой наша экономика развивается в контексте развития туризма.

**Ключевые слова:** туризм, механизм, инвестиции, экономика, ВТО, доход, финансы, село.

## ROLE OF TOURISM AND ITS INFLUENCE ON THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

*Khushvakhtzoda K. Kh. Arzikulov Sh. D.*

**Annotation:** The article contains a number of analyzes of the role of tourism in the Republic of Tajikistan and its impact on the country's economy, and also provides some analysis of the extent to which our economy is developing in the context of tourism development.

**keywords:** tourism, machinery, investments, economics, WTO, income, finance, countryside.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** – д.и.и., профессор Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
**Арзиқулов Шаҳбоз Диловарович** – унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел: 905-11-11-32.

**УДК.: 331.08**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ МЕҲНАТИ ХОНАВОДА ДАР КИШОВАРЗӢ

***Файзуллаева К. Н., Шоазизова М.Д.***

***Аннотатсия:*** *дар мақолаи мазкур хусусиятҳои истифодабарии меҳнатӣ хонавода дар кишоварзӣ баррасӣ гардидааст. Барои муайян намудани мавқеи кишоварзӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ самтҳои рушди он бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ омӯхта шудааст. Инчунин, меҳнати хонавода, ҳамчун захираҳои иқтисодӣ асоси рушди муваффақияти равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар иқтисоди бозоргонӣ арзёбӣ шудаанд. Хонавода ҳамчун низоми иқтисодии ба ташаккули сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсиркунанда таҳлил карда шудааст.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *хусусиятҳо, меҳнатӣ хонавода, соҳаи кишоварзӣ шуғли аҳолӣ, самтҳо, рушд, истеҳсолоти кишоварзӣ.*

Қобили зикр аст, ки хусусияти соҳаи кишоварзӣ меҳнатталабии зиёд ва дар пайи ин даромаднокии пасти соҳаҳо мебошад, ки ин ҳамроҳ бо ихроҷи захираҳо, аз қувваи корӣ ба соҳаҳои дигари истеҳсолот анҷом мепазирад. Ба ақидаи мо, омӯзиши муфассали вазъи баамаломада маҳз дар бозори меҳнати соҳаи аграрӣ ба яке аз ҷойҳои аввал дар иқтисоди кишоварзӣ мебошад. Барои муайян намудани мавқеи кишоварзӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ самтҳои рушди он бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ мебошад. Сатҳи омодагии қувваи кории баландихтисос, иттиҳоди меҳнати кишоварзию саноатӣ ва имконияти

соҳа дар ҷалби захираҳои меҳнатӣ аз ҳалли муамммувофиқи шуғли аҳолиро тавассути интихоби асосноки сохтори соҳавии кишоварзии минтақаҳои алоҳида бо дар назардошти хусусиятҳои табию иқлимӣ ва маҳаллии онҳо талаб менамояд.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар бозори меҳнате, ки солҳои охир фароҳам омадааст, фарқияти номунатосиб миёни миқдори ҷойҳои корӣ ва арзаи онҳо вуҷуд дорад. Ин ҷараён дар натиҷаи ба бекории ошкор табдил ёфтани бекории низ пайдо мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки номунатосибӣ ҳамчунин дар мувофиқ набудани сатҳи касбӣ ва тахассусии қувваи корӣ, коҳишёбии даромади оилавии марбут бо шароити иқтисодии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ низ зоҳир дорад. Дар ин асос, илми иқтисоди муосир расидан ба ҳолати шуғлнокии пурраро бо сатҳи бекорӣ дар шароити мавҷудияти таносуби дахлдори иқтисодӣ, ки ба татбиқи ин ҳадаф мусоидат мекунад, пешбинӣ менамояд [1].

Бояд ёдовар шуд, ки мафҳуми “**хонавода**” - маҷмӯи шахсоне фаҳмида мешавад, ки дар як хонаи истиқоматӣ, ба ҳам хешован истиқомат мекунад ва буҷети умумӣ доранд. Хонавода метавонад аз як нафар иборат бошад. **Оила** – ҷузъи ибтидоии сохтори иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни фаъолият ва рушди он тамоми ҷабҳаҳои муҳими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ зоҳир мегардад.

Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятнокӣ Стратегии милли рушди Чумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, инчунин дар доираи супоришҳои Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2019) бо мақсади рушди хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он рушди сармояи инсонӣ, такрористеҳсоли нерӯ ва иқтидори инсонӣ, баланд бардошгтани сатҳ ва сифати некӯаҳволии ҳаёти мардум ва дарки моҳияти тағйир ёфтани нақши хонавода дар кишоварзӣ масоили ҳалталаб арзёбӣ гаштааст [2].

Қобили зикр аст, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 ҷойгоҳи муҳим ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, рушди соҳибкории хурд ва миёнаи кишоварзӣ, ҳамчун ҷанбаи муҳими иқтисоди оилавӣ дода мешавад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки солхои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оилаҳои дорои тиҷорати хусусӣдошта афзоиш ёфта истодаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки меҳнатӣ хонаводаи дар маркази гардиши захираҳои иқтисодӣ ҷой дошта, ҳамчун асоси рушди муваффақияти равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар иқтисоди бозоргонӣ баромад менамоянд. Тибқи нишондиҳандаҳои Агентии омори назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди истифодаи даромади умумии хонаводаҳо тамоюли мусбӣ мушоҳида мегардад, яъне сол аз сол хароҷотҳои пулии хонаводаҳо барои хариди маводҳои озуқа коҳиш ёфта истодааст, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хароҷотҳои умумии хонаводаҳои қобилияти пушонидани талаботҳои аввалидараҷаи физиологиро пӯшонда, имконияти равона гардонидани қисми сарфашуда ба дигар самтҳо пайдо мегардад [3].

Гузаштани ҷумҳурӣ ба иқтисодиёти бозоргонӣ, дигаргуниҳои калон ба амал омаданд. Ин тайғиротҳо на танҳо ба иқтисодиёти давлат, балки ба микроэкономика низ таъсир расонданд. Ва инчунин қобили зикр аст, ки аксарияти шаҳрвандон дар оилаҳо зиндагӣ мекунанд, пас муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти оилавӣ инъикос ёфтанд, зеро дар он, монанди дар оина ҳамаи равандҳо, дар сатҳи миллӣ инъикос меёбанд. Агар қаблан ҳар як шахс, ҳар як оила ҳамчун як ҷузъи ҷомеа ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба манзил ва ғайра дошта бошад, пас дар давраи муосир давлат дигар наметавонад ба ин ҳуқуқҳо кафолат диҳад. Оила дар шароити иқтисоди бозаргонӣ бо ҳамон мушкилот бо шаҳрвандони алоҳида рӯ ба рӯ мешавад ва бӯҳронҳои иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ ҷудогона ба оила таъсир мерасонанд, зеро иқтисодиёти давлат бо иқтисодиёти оила ҷудонашаванда аст

Хонавода низоми иқтисодиест, ки дар сатҳи микроиқтисодӣ фаъолият карда шароити лозимаро барои амалисозии вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии оила ба вуҷуд меорад. Ин низоми иқтисодӣ дар иқтисоди бозорӣ нақши муҳимро мебозад: аз як тараф, он захираҳо (дар навбати аввал - меҳнат)-ро таъмин мекунад, аз тарафи дигар, ба сифати субъекти пардохтпазири талабот, ки таҳти таъсири он сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ ташаккул меёбад, баромад мекунад.

Дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодиёти мамлакат, ба муносибатҳои нави бозоргонӣ гузаштани он шароити моддии ҳаёти аҳолӣ куллан тағйир ёфтааст. Гуногуни сохтории иқтисодиёт ба хусусияти шуғли аҳолии қобили меҳнат таъсир мерасонад, манбаъҳои нави даромад пайдо шуд, шумораи бекорон ва ашхоси манбаъҳои даромадошон номунтазам меяфзояд. Шароити нав ба таркиботи барои истеъмолӣ, ба сохтори истеъмоли озуқаворӣ, молҳои ғайриозуқа ва хизматррасонӣ таъсир мерасонад. Ба сифати воҳиди тадқиқот хонавода қабул карда мешавад, ки он ҳамчун маҷмӯи зиндагии якҷояи ашхос, барои онҳое, ки буҷеташон ва ҷои зиндагиашон умумӣ мебошад (хона, ҳуҷра, гуруҳи хуҷраҳое, ки ба куча ё бино баромади алоҳида доранд) муайян карда мещавад. Дар чунин маврид муносибату робитаҳои хешовандӣ шартҳои ҳатмӣ шуда наметавонанод, яъне дар истиқомати якҷоя ва пеш бурдани хоҷагии умумӣ, аъзоёни хонавода метавонанд, хешу табор набошанд. Аз маҷмӯи умумии хонаводаҳо хонаводаҳои оилавӣ ҷудо карда мешаванд, ин муайянкунандае мебошад, ки шароити ҳатмии робитаҳои хешовандӣ ва аъзоёни хонаводаро пурра мегардонад [4].

Қайд кардан ба маврид аст, ки буҷети хонаводаҳо бо мақсади ба даст овардани маълумотҳои оморӣ дар бораи сатҳи зиндагии гурӯҳҳои ҷомеа ва аҳолӣ омӯхта мешавад. Маълумотҳо дар бораи буҷети хонаводаҳо дар тадқиқи қонунии истеъмолот аҳамияти калон дорад. Онҳо дараҷаи қаноатмандии моддӣ ва истеъмолоти рӯҳии аҳолиро дар гурӯҳҳои ҷомеа, инчунин сатҳи даромадро тавсиф менамоянд, шабакаи манбаъҳои гуногунро дар ташаккулёбии даромадҳои оилаҳо, равшани менамоянд, вобастагии истеъмолотро аз сатҳи даромаднокии сарикасӣ ошкор менамояд, ҳайати оила ва дигар аломатҳои иҷтимоию иқтисодии хонаводаҳоро маълум месозад. Ҳангоми тадқиқи буҷети

аҳолӣ махсусан муҳим аст, ки ба пуррагӣ муътамадии маълумотҳои буҷетии хонаводаҳо таъмин карда мешавад. Ин ҳангоми паҳн намудани маълумотҳои ҷамъбастии тадқиқоти ҳамаи аҳолии мамлакат аҳамияти калон дорад. Ин дурустии таҳлили маълумотҳоро дар бораи сатҳи зиндагӣ ва тағйирёбии он мувофиқи замон муайян карда мешавад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ буҷети 3000 хонаводаҳо тадқиқ карда мешавад, ки аз онҳо 1150 хонавода дар шаҳрҷойҳо ва 1850 хонавода дар деҳот ҷойгиранд. Ин миқдори хонаводаҳо имконият медиҳад, ки иттилои нисбатан мӯътамад дар маҷмӯъ оид ба мамлакат, инчунин дар сатҳи 5 минтақа ба даст оварда шавад. Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ба таври мунтазам баланд бардоштани сатҳи-фарҳангии аҳолии мамалакат диққати зиёд дода истодааст, ҳайати хонавода дар ҷадвли 1 оварда шудааст. Аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки шумораи хонаводаҳои тадқиқшуда дар деҳот солҳои 2011- 2018 1850 нафарро ташкил додааст. Ба ҳисоби миёна ба 100 хонавода дар соли 2018 – 689 нафар аз он ҷумла: мавҷуд – 515; коркунанда – 126; нафақахӯрон – 46; идрорпулигирандаҳо - 1; дигар аъзоёни хонавода – 440; аз онҳо кӯдакони то 16 сола – 247 нафарро ташкил додааст.

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи ҳайати хонавода дар деҳот барои солҳои 2011- 2018[5]**

| | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| Шумораи хонаводаҳои тадқиқшуда | 1850 | 1850 | 1850 | 1850 | 1850 |
| Ба ҳисоби миёна ба 100 хонавода (нафар) | 677 | 704 | 705 | 696 | 689 |
| Аз он ҷумла: | | | | | |
| Мавҷуд | 601 | 634 | 633 | 621 | 513 |
| Аз онҳо: | | | | | |
| Коркунанда | 145 | 140 | 138 | 131 | 126 |
| Нафақахӯрон | 36 | 42 | 44 | 47 | 46 |
| идрорпулигирандаҳо | 1 | - | - | - | 1 |
| Дигар аъзоёни хонавода | 419 | 452 | 451 | 443 | 440 |
| Аз онҳо кӯдакони то 16 сола | 228 | 254 | 267 | 248 | 247 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо. Душанбе.- 2019, саҳ.12

Хулоса, масоилӣ асосӣ ин таъмини шуғл ё худиштиғолии аъзои хонавода мебошад. Дар шароити имрӯза аҳамияти худтаъминкунии хонаводаҳо меафзояд. Ин на танҳо дар бораи қитъаҳои замини наздиҳавлигии шахсӣ (нақши онҳо барои хонаводаҳои шаҳрӣ набояд аз ҳад зиёд баҳо дода шавад), мустақилияти иқтисодӣ масъулиятро барои фаъолияташон ба дӯш мегирад: мутобиқати сатҳи истеъмолот ба даромад, пасандоз ҳамчун роҳи суғурта кардан аз номуайянӣ дар оянда. Хонавода низоми иқтисодиест, ки дар сатҳи микроиқтисодӣ фаъолият карда шароити лозимаро барои амалисозии вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии оила ба вуҷуд меорад. Ин низоми иқтисодӣ дар иқтисоди бозорӣ нақши

муҳимро мебозад: аз як тараф, он захираҳо (дар навбати аввал - меҳнат)-ро таъмин мекунад, аз тарафи дигар, ба сифати субъекти пардохтпазири талабот, ки зери таъсири он сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ ташаккул меёбад, баромад мекунад.

**Адабиёт**

1. Пузанов Г., Мартынова Т. Статистика домашних хозяйств - основная информационная база для исследования уровня жизни населения // Вопросы статистики. - 1998. - № 1. - С. 21-26.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон (26.12.2019).

3. Стратегии милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030.

4. Олейник А. Домашние хозяйства в переходной экономике: типы и особенности поведения на рынке // Вопросы экономики. - 1999. - № 12. - С. 125-149.

5.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо. Душанбе. - 2019.

## ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ДОМАШНЕГО ТРУДА В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

***Файзуллаева К. Н., Шоазизова М.Д.***

***Аннотация:*** *В данной статье рассматривается особенности использования домашнего труда в сельском хозяйстве. Для определения роль сельского хозяйства в обеспечении занятости были изучены направления его развития с учетом региональной особенности. Оценено домашний труд как экономический ресурс основа успешного развития социально-экономических процессов в рыночной экономике. Анализированы домохозяйство как экономическая система, влияющая на формирование структуры общественного производства.*

***Ключевые слова:*** *особенности, домашный труд, сельское хозяйство, занятость, основные направления, развитие, сельскохозяйственного производства.*

## FEATURES OF THE USE OF HOME WORK IN AGRICULTURE

***Fauzyllaeva K. N., Shoazizova M.D.***

*This article discusses the features of the use of domestic labor in agriculture. To determine the role of agriculture in providing employment, the directions of its development were studied, taking into account the regional characteristics. Domestic work is assessed as an economic resource, the basis for the successful development of socio-economic processes in a market economy. Household as an economic system influencing the formation of the structure of social production is analyzed.*

**Key words:** features, domestic work, agriculture, employment, main directions, development, agricultural production.

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Файзуллаева Каромат Наврусовна –** *н.и.и., мудири шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, тел: 919174783.*

**Шоазизова Маҳбуба Дустмуродовна –** *н.и.и., мудири шуъбаи омузиш ва мониторинги амнияти озуқавории Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, тел:919 60 19 19*

**УДК:452.4.52.**

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ

***Навруз Н.***

**Аннотация:** В данной статье исследуются теоретические аспекты системы управления инновационной деятельности предприятий. Обобщая результаты исследования, дано авторское определение управления инновационной деятельностью предприятий. Управление инновационной деятельностью предприятий представляет собой подсистему управления предприятием, результатом которой может быть увеличение прибыли, любое социальное или экологическое воздействие.

В статье отмечается, что институциональной основой развития инновационных процессов является система норм, формальных и неформальных правил, которые являются основой для организации инноваций. Создание нормативно-правовой базы для развития инновационной деятельности и правильный выбор органов, необходимых для управления, регулирования и распространения инноваций, являются важной частью институционального развития управления инновационной системой. В статье определены органы, ответственные за управление, регулирования и распространения инноваций.

**Ключевые слова:** управление инновационной деятельностью, подсистема управления предприятием, инновационный менеджмент, изменения, инновационный процесс.

Инновации и инновационный путь развития в условиях высококонкурентной экономики современного мира стали ключевым фактором конкурентоспособности предприятий. Чтобы не потерять и укрепить свои позиции на рынке товаров и услуг, предприятиям необходимо постоянно думать об обновлении и повышении качества товаров и продукции и совершенствовании своих производственных процессов, то есть заниматься инновационной деятельностью.

На современном этапе инновационные процессы охватывают практически все аспекты экономической деятельности и общественной жизни. Устойчивость, развитие и эффективность экономической системы страны напрямую зависят от эффективных результатов инновационной деятельности.

Будущее предприятия на отдельных рынках связано с инновационной деятельностью предприятия. Кроме того, инновационная деятельность, на наш взгляд, является ключевым этапом между циклами, этапами или фазами инновационного процесса. Потому что именно инновационная деятельность на предприятиях отражает эффективность инновационного процесса, т.е. внедрение инноваций на предприятии и их эффективность является конечным результатом инновационного процесса. Поэтому необходимо уделить серьезное внимание этому вопросу, то есть системе управления инновационной деятельностью предприятий.

Безусловно, управление инновационной деятельностью предприятия является одним из подразделений управления предприятием. Чтобы понять

положение системы управления инновационной деятельностью предприятий, дадим краткий обзор структуры и состава системы управления современных предприятий. Управление - это направление воздействия руководящего органа на объект управления с целью достижения установленных результатов, соответствия или корректировки действий исполнителей.

Управление, с одной стороны, основано на знаниях в различных областях, таких как экономика, политология, социология, психология, инженерия, статистика. Но с другой стороны, менеджмент напрямую основан на глубоком изучении опыта различных предприятий, организаций, компаний (в процессе долгой истории человеческой деятельности). Следует отметить, что управление предприятиями состоит из следующих функциональных подразделений:

- стратегическое и текущее управление предприятиями;
- управление планированием;
- управление персоналом;
- управление производством;
- управление маркетинговой деятельностью предприятия;
- финансовый менеджмент предприятия;
- управление инвестициями и инновационная деятельность [6]. (см. рисунок 1).




Рисунок 2. Структура системы управления предприятием в рыночных условиях.

На систему управления инновациями влияют различные факторы. Все эти факторы можно разделить на две группы. Состав внутренних и внешних факторов можно описать в виде диаграммы следующим образом (см. рисунок 2).

Основными задачами подсистемами инвестиционно-инновационного менеджмента предприятия являются следующие:




Рисунок 2. Факторы, влияющие на систему инновационной активности предприятий.

Таким образом, нами определены положение подсистемы управления инновациями на современных предприятиях. Следующим шагом, лежащим в основе идеологического изучения каждого нового научного явления (процесса), в том числе инновационной деятельности, является выявление его перцептивных устройств. Под этим понятием обычно понимаются мнения разных ученых о рассматриваемом понятии. Существуют различные интерпретации концепции управления инновациями экономистами в самом широком смысле этого слова в контексте микроэкономики. Чтобы прояснить этот вопрос, разберем самые важные из них. Другими словами, разные ученые оценивают понятие и формирование системы управления инновационной

деятельностью предприятий из окна своих целей (задач), то есть каждый исследователь по-своему видит цель формирования данной подсистемы управления предприятием. Таким образом, интерпретации разных ученых по той или иной концепции или проблеме различаются. Чтобы прояснить эту концепцию, нами изучень взгляды следующих ученых. Например, В.Г. Медынский видит подсистему управления инновационной деятельностью предприятия в формировании любой организационной структуры, обеспечивающей инновационные цели предприятия с учетом рационального использования материальных, трудовых и финансовых ресурсов [4]. Интересным моментом этого объяснения является то, что известный ученый описывает управление инновационной деятельностью предприятия - как формирование организационной структуры предприятия. И на наш взгляд, в этом нет ничего плохого, потому что для управления инновационной деятельностью на предприятиях должна быть создана определенная структура. Следует отметить, что подобные взгляды чаще встречаются в экономической литературе. Например, Ивасенко А.Г., Я.И. Никонова, А.О. Сизова придерживаются аналогичного мнения [2]. Другие группы ученых, такие как В.Ф. Уколов, В.А. Галайда, С.С. Мазин описали управление инновационной деятельностью и ее цели как целевую деятельность организации, направленную на построение чего-то, что выполняется своевременно или (как правило, исходя из наличия ресурсов и их ограничений) на решение проблемы или ситуации. Следует отметить, что в своем определении управления инновациями эти ученые сосредоточили внимание на ряде моментов, которые редко встречаются в других определениях, а именно на том факте, что эти ученые называют управление инновационной деятельностью «целевой деятельностью организации», а затем упоминаются в контексте ограниченных ресурсов [7]. Ученые Ю.П. Морозов, А.И. Гавриков, А.Г. Гординов охарактеризовал управление инновационной деятельностью как деятельность, направленную на достижение высоких экономических, социальных и экологических результатов (за счет использования инноваций) в производственной и коммерческой деятельности предприятия [5]. На наш взгляд, авторы данного определения в своих исследованиях больше акцентировали внимание на задачах управления инновациями, т.е. оценили результаты управления инновационной деятельностью предприятия как высокие экономические, социальные и экологические показатели. Другой важный момент этого определения основан на том, что авторы оценивали воздействие на окружающую среду как цель управления инновациями. Такая оценка редко встречается в других определениях этого термина другими учеными. Потому что сегодня экологическая сторона инновационной деятельности также стала одним из важнейших вопросов для предприятий и экономики большинства стран в целом. Я.С. Барютин в своей работе, посвященной инновационной деятельности, под руководством известных ученых А.К. Казанцева и Л.Э. Мендели, трактуют инновацию – как деятельность, направленная на обеспечение долгосрочной

жизнеспособности предприятия и основанная на эффективной организации инновационных процессов и конкурентоспособности инновационной продукции предприятия. Важнейшим моментом этого обзора является эффективная организация инновационных процессов и конкурентоспособность инновационной продукции. В частности, подчеркивается конкурентоспособность инновационной продукции предприятия. Ведь управление инновационной деятельностью должно способствовать повышению конкурентоспособности инновационной продукции предприятия, иначе управление инновационной деятельностью теряет смысл. При этом не следует забывать, что управление инновационной деятельностью предприятия является подсистемой управления предприятием. Следовательно, не все цели, поставленные этими учеными при управлении инновационной деятельностью предприятия, относятся к этой подсистеме управления предприятием, то есть, на наш взгляд, цели управления инновационной деятельностью предприятия должны быть несколько более ограниченными.

В.В. Гришин, изучавший управление инновационной деятельностью в контексте модернизации национальной экономики, охарактеризовал управление инновационной деятельностью как деятельность, предусматривающую внедрение инноваций в хозяйствующих субъектах с учетом интеграции технологий [1]. Интересным моментом этого определения является то, что ученый подчеркивает уместную и благоприятную интеграцию человека - техники - технологии. Подобный акцент практически отсутствует в других определениях этого понятия другими учеными. На самом деле этот вопрос сегодня волнует современный мир, то есть большинство инноваций, внедряемых в производство и общество, с одной стороны, приводят к экономическому росту и повышению прибыльности предприятий, а с другой - к тысячам увольнениям, то есть человеческий гуманизм исчезает. Некоторые ученые считают, что уволенные работники могут быть заняты в непроизводственных секторах. Однако следует отметить, что инновации охватывают и непроизводственные сектора. В этих сферах и их организациях сегодня работает одно устройство или механизм, а не десятки или даже сотни людей.

Следует отметить, что понятие инновационного менеджмента широко используется в экономической литературе и в практическом опыте предприятий в сфере управления инновациями. В своей исследовательской работе местные ученые С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева дали читателю несколько определений этого термина. Эти ученые подчеркивают, что управление инновациями следует рассматривать как одно из направлений стратегического управления. Его цель - определение основных направлений научно-технической и производственной деятельности предприятия по таким направлениям разработки и внедрения новой продукции (инновационная деятельность); переоборудование и усовершенствование выпускаемой продукции; дальнейшее развитие

производства традиционных видов продукции; снятие с производства устаревшей продукции.

Рассмотрев различные определения управления инновационной деятельностью предприятия, можно сделать ввод о том что управление инновационной деятельностью предприятия - это подсистема управления предприятием, направленная на эффективное внедрение инноваций на предприятиях. Внедрение эффективного управления инновациями может быть полезным, социальным или экологическим.

Решение ряда вопросов, связанных с инновациями, во многом напрямую связано с формированием нормативно-правовой базы организации инновационной деятельности в экономике, которая определяет политику Правительства по поддержке развития научного и инновационного потенциала.

Заключение, на основе преведенного анализа, нами предлогается создание нормативно-правовой базы для развития инноваций важнейшие компонент институциональной базы инноваций, которий служит предпосылкой для широкого развития инновационных процессов. Отдельними ученые многие ученые и специалисты в этой области почеркивают, , развитие инновационной деятельности не будет достигнуто с принятием нормативно-правовой базы. Поэтому другие исследователи считают правильный выбор органов, ответственных за управление, регулирование и распространение инноваций, как важную часть институциональной основы для развития инноваций. Относительно правильного выбора органов, ответственных за управление, регулирование и распространение инноваций, следует отметить, что данный момент урегулирован в нормативно-правовых актах Республики Таджикистан, т.е. эти органы определены.

**Литература**

1. Гришин В.В. Управление инновационной деятельности в условиях модернизации национальной экономики. -М.: «Дашков и К$^0$», 2009. -С.24.
2. Ивасенко А.Г. Инновационный менеджмент. -М.: КНОРУС, 2009. -С.81.
3. Комилов С.Дж. Теория инновационного развития. -Душанбе: «Шарқи озод»,2019. -С.213.
4. Медынский В.Г. Инновационный менеджмент. -М.: ИНФРА -М, 2009. -С.31.
5. Морозов Ю.П., Гавриков А.И., Гординов А.Г. Инновационный менеджмент. -М.: ЮНИТА-ДАНА, 2003. -С.8
6. Пириев Ҷ.С. ва диг. Иқтисоди кишоварзӣ (воситаи таълимӣ)- Душанбе: «Ирфон», 2006.-С. 256-259 (272с.)
7. Уколов В.Ф. Инновационный менеджмент в государственной сфере и бизнесе/ В.Ф. Уколов, В.А. Галайда. – М. : Экономика, 2009. С. 134
8. Файзуллоев М.К., Комилов С.Дж. Проблемы становления и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан. Монография. -Душанбе: «Ирфон», 2017. -192с.
9. Фасихов И.С. Иқтисодиёти агросаноатӣ ва муносибатҳои бозорӣ (васоити таълимӣ) – Душанбе: ДМИТ, 2015. -С. 160-164.

10. Черкасова Е.М. Теоретико-методологические проблемы в сфере управления инновационной деятельностью организаций // Креативная экономика. — 2016. — Т. 10. — № 7. — С. 713–732.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯИИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ НАВОВАРИИ КОРХОНАҲО

***Наврӯз Н.***

**Аннотасия:** Дар мақолаи мазкур, ҷанбаҳои назариявии системаи идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳоро баррасӣ гардидааст. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, таърифи муаллифиро оид ба идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо намудааст. Идоракунии инноватсионии корхона зерсистемаи идоракунии корхона мебошад, ки дар натиҷаи он метавонад афзоиши фоида, ҳама гуна таъсири иҷтимоӣ ё экологӣ бошад. Дар мақола қайд карда мешавад, ки заминаи институтсионалии рушди равандҳои инноватсионӣ системаи меъёрҳо, қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мебошад, ки асоси ташкили инноватсия мебошанд. Таъсиси заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди инноватсия ва интихоби дурусти мақоме, ки барои идоракунӣ, танзим ва паҳнкунии инноватсия заруранд, ҷузъи муҳими рушди институтсионалии идоракунии системаи инноватсионӣ мебошад. Дар макола мақомотҳое, ки барои идоракунй, танзим ва рушди инноватсия масъуланд, муайян карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** менеҷменти инноватсионӣ, зерсистемаи идоракунии корхона, идоракунии инноватсия, тағирот, раванди инноватсия.

## THEORETICAL ASPECTS OF MANAGEMENT SYSTEM INNOVATIVE ACTIVITY OF ENTERPRISES

***Navruz N.***

**Annotation:** This article examines the theoretical aspects of the enterprise innovation management system. Summarizing the results of the study, the author gives the author's definition of the management of innovative activities of enterprises. Enterprise innovation management is a subsystem of enterprise management, the result of which can be an increase in profits, any social or environmental impact.

The article notes that the institutional basis for the development of innovative processes is a system of norms, formal and informal rules, which are the basis for organizing innovations. The creation of a regulatory and legal framework for the development of innovation and the correct selection of bodies necessary for the management, regulation and diffusion of innovation are an important part of the institutional development of the management of the innovation system. The article identifies the bodies responsible for the management, regulation and diffusion of innovations.

**Keywords:** innovation management, enterprise management subsystem, innovation management, changes, innovation process.

**Свидения об афтора:**

**Навруз Носири –** к.э.н. - заведующий кафедрой менеджмента и маркетинга Кулябского государственного университета им. А. Рудаки.

УДК: 453.57.6

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ОИД БА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛИ МАХСУЛОТИ ПАРАНДАПАРВАРӢ

***Бобоазиззода Ш. А.***

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур оид ба усули парвариши технолгияҳои экстенсивӣ (нигоҳдорӣ дар фарш) ва интенсивӣ (парвариш дар қафасҳо), инчунин нишондиҳандаҳои алоҳидаи истеҳсоли тухм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани самаранокии он бу усули техналогияи муосир дарҷ гардидааст.

**Калимаҳои калидӣ:** техналогияи парвариш, технологияи захирасарфакунӣ, экстенсивӣ, интенсивӣ, маҳсулнокӣ, паранда, тухм, гӯшт ва ғайра.

Технолгияи интенсивии алҳол истифодашаванда метавонад рушди маҳсулнокии парандаро таъмин намуда, муҳлатҳои парвариш ва хӯрокдиҳиро кӯтоҳ, сифати тухму гӯшт баланд ва хароҷоти истеҳсолиро кам гардонад. Таҳлили дақиқи амалияи байналхалқии парвариши паранда имкон медиҳад панҷ гурӯҳи асосии омилҳоро ҷудо намоем, ки онҳо ба рушди соҳа таъсиргузор мебошанд:

Рушди минбаъдаи парандапарварӣ тақозо менамояд, ки онро асосан аз ҳисоби интенсификатсияи соҳаҳои хурд-хурди зудтараққикунандаи сердаромади дар ҳайати хоҷагиҳои калони ҷамоавии мавҷуд буда, инчунин ҳавасмандгардони шаклҳои муосири хоҷагидорӣ истеҳсолот амалӣ гардонидан мумкин аст. Ба ин мақсад танҳо дар шароите ноил шудан мумкин аст, ки хоҷагиҳои давлатӣ ва кооперативӣ бо хӯрокаҳои зарурии хушсифат таҷҳизоти технологӣ ва дигар захираҳои моддии нархашон дастрас мавҷуд бошад.

Дар парандпарварӣ истифода шудани технологияи захирасарфакунӣ, беҳ гардонидани хӯрокадиҳӣ ва воситаҳои навкунӣ, саноати хӯрокадиҳӣ ва муносиб кардани ратсиони хӯрока барпо намудан ва рушди оянадаи комплексҳои маҳсулоти гӯштию тухмӣ ба истеҳсоли маҳсулот мебахшад. Бешубҳа, ба даст овардани натиҷаи омилҳои дар боло овардашуда, баландшавии самаранокии истеҳсоли маҳсулоти парандпарварӣ дар сурати ҷудо кардани воситаҳои зарурии буҷетӣ, имтиёзҳои андозсупорӣ таъминамудаи бо маҳсулоти зарурӣ ва ғайра имконпазир аст.

Қайд кардан мумкин аст, ки усули захирасарфакуни бояд дар ҳамаи соҳаҳои ташкил ва технологияи парвариши паранда, беҳтаркунии сохтор ва навъҳои паранда, рушди интегратсионии истеҳсолот ва фаъолияти тиҷоратӣ ҷорӣ карда шавад. Дар ин асос бо боварӣ метавон гуфт, ки танҳо ҷорӣ намудани технологияи захирасарфакунӣ имкон медиҳад, ки парандаҳои самти гӯшту тухм аз бӯҳрони ба амаломада бароварда шавад.

Аз ин рӯ, дар шароити имрӯзаи бозорӣ ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ фаъолияти худро бояд дар асоси ҳисоби хоҷагидорӣ ба роҳ монанд.

Бинобар ин, барои ноил шудан ба фаъолияти самараноки хоҷагидорӣ, корхонаҳои кишоварзӣ маҳсулоти худро бо нархи дар бозор муқарраргардида ба фурӯш мебароранд.

Илова бар ин, самтҳои бонуфузи парандпарварӣ аз хусусиятҳои хоси мамлакти камзаминӣ, гуногунрангии иқлим, ки дар он минтақаҳои субтропикӣ аз якдигар бо шароити хоку иқлим фарқ менамоянд, вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, ки гуногуншаклии ҷуғрофӣ, беҳамто будани маҳалҳои агроиқлимӣ зарурати коркарди барномаи илмӣ-техникии мувофиқро бо дарназардошти иқтидорҳои биоиқлимӣ тақозо менамояд. Ин барнома бояд ба мақсад ва масъалаҳои васеъ намудани истеҳсоли маҳсулот ва таъмини истиқлолияти иқтисодии ҷумҳурӣ ҷавобгӯ бошад.

Равшан аст, ки маҳдуд будани пойгоҳи моддӣ-техникӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ имкон намедиҳад, амалиёти калони молиявиро ба роҳ монанд. Аз ин рӯ, дар раванди гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ, зарур аст дар баробари коркард, амалӣ кардани таҳқиқоти илмӣ-генетикӣ, қувваи асосиро ба ҳалли масъалаҳои технологии шаклҳои хурд ва миёнаи хоҷагӣ равона гардад.

Барои боло бурдани нақши илм дар истеҳсолот, ки ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯ бошад, зарур ва ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳангоми аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудани шартномаҳои байнидавлатӣ оид ба ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ (тайёрӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмӣ, харидани технологияҳои навтарин ва ахборот) олимон ба сифати мушовир-экперт ба таври васеъ ҷалб карда шаванд.

Системаи пурмаҳсули дар асоси технологияи захирасарфакунӣ ба роҳ мондашудаи хоҷагидории соҳаҳои парандапарварӣ имкон медиҳад, ки арзиши аслии маҳсулот коҳиш гардида, даромаднокии истеҳсолот боло равад, ки он барои таъмини такрористеҳсолкунии васеи соҳа зарур аст (30-40%), таъмин гардад.

Бинобар ин, барои дар оянда пеш бурдани фаъолияти соҳа дар асоси шаклҳои гуногун ва ё ягонаи хусусӣ бунёд намудани иттиҳодияҳо ва ё системаҳои интегронидашуда оид ба истеҳсоли маҳсулот, коркард ва фурӯши он зарур аст. Чунин иттиҳодияҳо имкон медиҳанд, ки равандҳои ташаккул ва тақсимоти фоида дар асоси манфиатҳои иқтисодии умумии тарафҳо бо дарназардошти хароҷоти ҳар зинаи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот амалӣ гардонида шаванд.

Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои навъҳои паранда ва қобилияти ба дигаргуниҳои шароити муҳити атроф ҷавоб дода тавонистани онҳо хеле муҳим мебошад.

Бояд қайд кард, ки тамоми тадбирҳои оид ба зиёд намудани баромади маҳсулот, беҳтар намудани сифати он, паст намудани арзиши аслии воҳиди маҳсулоти истеҳсолгардида андешидашуда, баҳри таъминоти некуаҳволии аҳолӣ равона гардидаанд.

Таҷрибаи мамлакатҳои зиёде, ки дар онҳо соҳаи парандапарварӣ рушд ёфтааст, нишон медиҳад, ки дар онҳо ба ташкили пойгоҳи илмӣ амалӣ диққати

асосӣ дода мешавад, ки он барои ҳалли масъалаҳои гузошта шуда ва муайян кардани ояндаи рушди соҳа равона шудаанд. Дар ин мамлакатҳо – илми амалӣ ҳамчун омили таъсирбахши танзимкунандаи равандҳои ҳаётан муҳими истеҳсолӣ, экологӣ ва ғайра ҳисобида шуда, ба он аҳамияти махсус дода мешавад. Ин соҳаҳо, ба мушкилоти гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ нигоҳ накарда, асосан иқтидори моддӣ ва кадрии худро нигоҳ доштаанд.

Дар консепсияи технологияи захирасарфакунӣ барои муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ самтҳои асосии корҳои таҳқиқотӣ, ҳавасмандии иқтисодии дар амал ҷорӣ кардани натиҷаи бадастовардаи онҳо муайян карда шудааст. Бо вуҷуди ин, дар оянда дастгирии давлатӣ бояд ба болоравии сатҳи муассисаҳои илмии соҳа, роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои парандпарварӣ дар бобати коркард ва татбиқ намудани барнома ва чорабиниҳо бо мақсади рушди устувори соҳа дар асоси дастовардҳои илмӣ ва техникӣ мусоидат намояд.

Танҳо парандапарварӣ ба чунин роҳи рушди истеҳсолот ноил шудааст, ки дар он барои зиёд шудани маҳсулоти истеҳсолӣ ва пур кардани бозори аграрии ҷумҳурӣ иқтидори кифоякунанда мавҷуд мебошад. Ҳалли бомуваффақияти проблемаҳои ҷамъшуда ба туфайли номутобиқ будани иқтидори истеҳсолӣ ва технологӣ ба талаботи соҳа дар бобати васеъ намудани истеҳсолот боз ҳам душвортар мегардад. Барои ҳамин ҳам технологияи захирасарфакунӣ дар қисми ками кооперативҳои калони истеҳсолӣ ва хоҷагиҳои гурӯҳии деҳқонӣ (фермерӣ) истифода бурда мешавад.

Маълум аст, ки дар вақташ тақсимоти колхозу совхозҳо асоси сиёсати давлатӣ дар бобати ташаккули иқтисодиёти серсоҳа маҳсуб меёфт аз ин рӯ, он на хусусияти иқтисодӣ, балки хусусияти сиёсӣ дошт.

Дар бисёр маврид он ба таҳаввулоти рушди соҳаи мавҷуда, ки ба тамоюли байналмилалии рушди корхонаҳои калони истеҳсоли мол хос аст, муқобил мебошад (масалан, дар ИМА солҳои охир тамоюли калон кардани хоҷагиҳои фермерӣ гузашта истодааст).

Таҳлили истифодаи технологияи захирасарфакунӣ дар соҳаи парандпарварии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки он бо мавҷуд набудани натиҷаҳои чашмрас дар ин самт тавсиф мегардад. Дар бисёр мавридҳо онҳо самараи иқтисодӣ намеоранд ва ё то мол истеҳсолкунандаи ниҳоӣ рафта намерасад, ки ин дар навбати аввал бинобар мавҷуд будани проблемаҳои муҳим дар занҷири «захираҳои молиявӣ – захираҳои воқеӣ – захираҳои бозор – истеҳсолоти кишоварзӣ» боиси боздошти рушд мегардад.

Таҷрибаи мамлакатҳое, ки дорои соҳаи парандапаварии рушдёфта мебошанд, нишон медиҳад, ки равнақи самарабахши кори селексионӣ- яке аз омилҳои муҳими усули захирасарфакунии рушди соҳа ба ҳисоб меравад. Ин кор дар мамлакатҳои дар боло қайдшуда маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ-хоҷагӣ ва илмӣ-таҳқиқоти оид ба такмили сифатҳои парандаро фаро мегирад. Бинобар ин, бо мақсади афзунгардонии маҳсулнокии паранда дар алоқамандӣ бо дигар омилҳо истифода бурдани сифатҳои ирсӣ дар аксар хоҷгиҳои парандпарварии ИМА, Европаи ғарбӣ, Исроил ва мамлакатҳои дигар имконият медиҳад, ки аз ҳар сар паранда дар як сол ба ҳисоби миёна то 290 дона тухм гирифта мешавад.

Аз расм аён аст, ки дар байни нишондиҳандаҳои истифодаи ду технология фарқияти куллӣ мавҷуд мебошад. Чунон чӣ, ҳангоми истифодаи технологияи навин ҷиҳати муайян намудани шароити рефлексионии парандагон ва мутобиқати онҳо дараҷаи маҳсулнокии меҳнат нисбат ба фаъолияти корҳои оддӣ 2 маротиба баландтар аст. Дар баробари ин, хароҷоти воситаҳои пулию молии барои истеҳсоли 1000 дона тухм ва 1 сентнер гӯшти парандасарфшуда, дар мавриди истифодаи технологияи дуюм 18,0% -21,2% кам мегардад.

Унсури муҳими технологияи захирасарфакунии дар мурғони тухмӣ истифодашаванда дар ҳамаи равандҳои истеҳсолӣ ҷорӣ кардани механиконии комплексӣ ба шумор меравад.

Стратегияи ба даст овардани парвариши бо устувори соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор нақш ва аҳамияти муҳими технологияҳои навро тақвият дод. Ҳавасмандии ширкатҳо (ширкатҳои парандапарварӣ) дар амалисозии интихоби дурусти шаклҳо, роҳҳои ташкили меҳнат ва истеҳсолот на танҳо ба самаранокии иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ низ таъсири мусбӣ расонданд, ки дар шароити афзоиши меҳнат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд ҳамчун мушкилоти асосӣ тасниф карда шаванд. Дар расми 1. оварда шудааст.




**Расми 1. Унсурҳои асосии технологияи захирасарфакунӣ.**

Вазифаҳои муҳими соҳаи парандапарварии навъи устувордошта дар доираи стратегияи миллӣ, яъне моделҳои рушди соҳа бояд фароҳам овардани шароит барои беҳтар ва самарабахш будани истифодабарии ҳам сармоягузориҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, инчунин ҷорӣ намудани принсипҳои муҳимтарини

маркетинг дар амалия, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, ки механизмҳои соҳаи парандапарвариро дар муҳити ивазшавии доимии истеҳсолот хуб медонанд, иборат бошанд. Боварӣ ҳосил менамоем, ки мақсади бунёди хоҷагиҳои парандапараварии намуди устувордошта барои ҳалли мушкилоти таъмини истиқлолияти озуқаврии ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

Истифодабарии технологияҳои сарфаи захираҳо барои истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ - техникӣ, меҳнатӣ ва дигар захираҳоро бо мақсади ба даст овардани миқдори зиёди маҳсулот аз воҳиди ҳар як мурғ ва саршумори парваришгардида бо ҳадди ақали музди меҳнат ва воситаҳои пулӣ ба даст оварда шудааст, равона карда мешаванд.

Профессор Мадаминов А.А. қайд менамояд, ки табдил ёфтани дастовардҳои илм ва технологияи мол дар бозор дар хориҷа ҳамчун тиҷорати калон ва соҳибнуфуз ҳисобида мешавад. Аммо сабаби дигаре низ вуҷуд дорад, ки барои рушди фаъолияти инноватсионӣ монеъ мешавад: бе маҳсулоти истеҳсолшудаи рақобатпазир истеҳсолкунанда наметавонад фаъолият намояд, агар ӯ нахоҳад, ки аз бозор қафо монад ва сегменти бозорро аз даст диҳад. Ба истеъмолкунанда танҳо як маҳсулоти нав лозим аст.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки соҳаи парандапарварӣ дар сохтори бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол намудааст. Бо вуҷуди ин, ҳосилнокии пасти он аз истифодабарии имкониятҳои маҳдуди парвариши генетикии парандагон вобаста аст. Бинобар ин, зарурияти ба парвариши навъҳои серҳосили зотҳои нав барои беҳтар кардани таркиби онҳо ва коркарди технологияҳои инкишофёфта ҷиҳати нигоҳдории парандагон ба миён меояд. Ба ин технология метавонад усули муттасил - усули парвариши саноатии парандагон, ки дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон татбиқи васеъ пайдо кардааст, ворид карда шавад.

Баланд бардоштани ҳосилнокии зиёди парандагон пайваста баланд бардоштани сифати хӯрока, парвариш ва нигоҳубини хуб, назорати саривақтӣ ва мубориза бо бемориҳои парандаро талаб менамояд. Намунаҳои сершумори фаъолияти корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки истифодабарии технологияҳои интенсивӣ барои афзоиши зичии парвариши саршумор, афзоиши ҳаҷми он дар бино, ба таври автоматӣ додани хӯрока ва об, коҳиш додани хароҷоти меҳнатӣ, барқӣ ва сӯзишворӣ, коҳиш додани хароҷоти умумии истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ самаранокии соҳаи парандапарвариро ба таври назаррас баланд менамояд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои парвариш ва нигоҳдории парандагон усули гуногунро истифода мебаранд. Дар баъзе хоҷагиҳои парандапарварӣ дар қафасҳо нигоҳдорӣ ва парвариши чӯҷаҳо барои истеҳсоли гӯшт истифода бурда мешавад. Аммо дар бисёр корхонаҳои парандапарварӣ нигоҳдории онҳо дар фарш ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин, онҳоро метавонем шартан ба истифодаи технологияи интенсивӣ ва экстенсивӣ тақсим намоем. Ҳангоми истифодабарии технологияи интенсивӣ аз ҳисоби нигоҳдории чӯҷаҳо дар қафасҳои дуошёна имкон дорад дараҷаи саршуморро ба таври фаровон афзоиш диҳед.

**Ҷадвали 1**

**Нишондиҳандаҳои алоҳидаи ташкили истеҳсоли гӯшти навъи бройлер дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба технологияҳои парвариш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Технологияи парвариш** | |
|---|---|---|
| | **Экстенсивӣ (нигоҳдорӣ дар фарш)** | **Интенсивӣ (парвариш дар қафасҳо)** |
| Зичии парвариш, сар/м$^2$ | 16 | 30 |
| Давраи парвариш барои гӯшт, рӯз | 49 | 42-49 |
| Вазни миёнаи 1 сар дар давраи ниҳоии парвариш, кг | 1820-1900 | 2300-2500 |
| Хароҷоти хӯрока ба 1 кг вазни зиндаи парвариш дар ҳамаи давраи парвариш, кг | 2,5-2,8 | 2,3-2,6 |
| Меъёри хизматрасонии ба як коргар ба як сар паранда, ҳаз. сар. | 20-30 | 40-60 |

**Манбаъ:** *тибқи маълумоти муаллиф дар асоси маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2019*

Маълумоти мазкур шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми парвариши чӯҷаҳо тавассути истифодабарии технологияҳои интенсивӣ бисёр нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар муқоиса бо истифодабарии технологияҳои экстенсивӣ назаррас зиёд мегарданд. Масалан, ҳангоми парвариши чӯҷаҳо тавассути технологияҳои интенсивӣ, зичии парвариши саршумор дар ҳар як метри мураббаъ ба 87,5 фоиз дар муқоиса ба технологияҳои экстенсивӣ (нигоҳдорӣ дар фарш) афзоиш хоҳад ёфт. Дар ҷадвали 1. нишондодҳои асосии истеҳсоли гӯшти навъи бройлерӣ дар ҷумҳурӣ оварда шудааст.

Дар баробари ин, вазни миёнаи як сар чӯҷа то охири давраи парвариш ба 2,5 кг мерасад, ки ин 31,6% зиёд мебошад. Истифодабарии технологияҳои интенсивӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти хӯрока кам карда мешавад, аммо меъёри истифодабарии коргарон ду маротиба зиёд мешавад.

Татбиқи технологияи интенсивӣ ҳангоми нигоҳдории мурғҳо дар ҷадвали 2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Нишондиҳандаҳои алоҳидаи истеҳсоли тухм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Технологияи парвариш | |
|---|---|---|
| | Экстенсивӣ (парвариш дар фарш) | Интенсивӣ (парвариш дар қафасҳо) |
| Зичии парвариш, сар/м$^2$ | 4-5 | 10-20 |
| Истеҳсоли тухм аз 1мурғ, дона/сар. | 230-250 | 280-300 |
| Хароҷоти хӯрока барои 1000 дона тухм, кг 1 кг хӯрокаи омехта = 1,05-1,10, хароҷоти воқеӣ 100% зиёд | 160-200 | 130-160 |

| | | |
|---|---|---|
| Хароҷоти хӯрока барои 1сар./рӯз, г | 115-120 | 105-110 |
| ҳароҷоти меҳнат барои истеҳсоли 1000 дона тухм, наф./соат | 4-5 | 2-3 |
| Меъёри хизматрасонӣ ба як мурғ ба 1 коргар-оператор, ҳаз./сар | 7-10 | 15-20 |

**Манбаъ:** *тибқи маълумоти муаллиф дар асоси маълумоти солонаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2019*

Таҳлили маводи овардашудаи ҷадвали 2. нишон медиҳад, ки ҳангоми технологияи интенсивӣ дар хоҷагиҳои парандапарварӣ дар самти истеҳсоли тухм, зичии гузоштани мурғи тухмдеҳ дар як метри мураббаъ нисбат ба технологияи экстенсивӣ 4 маротиба афзоиш меёбад, зеро мурғҳо дар қафасҳои ду ва ё сеқабата нигоҳ дошта мешаванд, аммо дар айни замон хароҷоти хӯрока барои гирифтани 1000 дона тухм ва як сар мурғ ба таври назаррас бетағйир мемонад. Истифодаи технологияи интенсивӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти меҳнатӣ барои истеҳсоли 1000 дона тухм то 60% дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои технологияҳои экстенсивӣ коҳиш меёбад Мувофиқи меъёрҳои мавҷудаи хизматрасонӣ дар соҳаи парандапарварӣ ҳангоми истифодабарии технологияҳои интенсивӣ ба як коргар (оператор) 15-20 ҳазор сар ва ё 2 маротиба зиёд паранда рост меояд.

Истифодабарии технологияҳои интенсивӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои технологияи экстенсивӣ метавонад афзоиши ҳосили гӯштро аз як сар чӯҷа 22,2% таъмин намояд, дар ҳоле, ки хароҷоти меҳнатӣ барои истеҳсоли як сентнер гӯшт 18,2% паст мешавад.

Хароҷоти воситаҳои молию моддӣ барои як сар чӯҷа ҳангоми истифодабарии технологияҳои нав 23,3% коҳиш ёфтаанд. Маблағ аз як сар чӯҷа бо истифодабарии технологияҳои парвариши экстенсивӣ 86,4% назар ба нишондиҳандаҳои технологияҳои экстенсивӣ зиёд гардидааст. Истифодаи технологияҳои интенсивӣ дар истеҳсоли гӯшт имкон дод, ки сатҳи баланди даромаднокӣ ба 80,4% афзоиш ёбад.

Истифодабарии технологияи интенсивӣ барои парвариши мурғҳо, барои гирифтани ҳосили тухм аз як сар 18,5% зиёд гардидааст, дар ҳоле ки хароҷоти меҳнат барои гирифтани 1000 дона тухм 60% кам шудааст.

Дар натиҷаи кам намудани хароҷоти пулию моддӣ барои гирифтани 1000 дона тухм, ҳаҷми фоида барои ҳисоби 1000 дона тухм ба таври назаррас афзуда, 40% - ро ташкил дод. Истифодаи технологияҳои нав имкон дод, ки сатҳи даромаднокии тухм ба 88% нисбат ба нишондиҳандаҳои усули экстенсивии парвариши мурғ даромади хуб медиҳад.

Саршумори мурғ дар самти тухмбарорӣ дар давраи таҳлилӣ ба 40,3%, самти гӯшт 24,1% ва дигар самтҳо ба андозаи 34,2% афзоиш меёбад. Дар давраи таҳқиқотӣ маҳсулнокии гӯшт аз як саршумор 83,4% афзуда, истеҳсоли тухм 85,1% афзоиш хоҳад ёфт.

Афзоиши саршумор ва маҳсулнокӣ парандагон имконият медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулотро то охири давраи пешбинигардида (соли 2025) – гӯшт то 12,8 ҳазор тонна ва ё 72,9% фоиз бештар нисбат ба соли 2018, тухм ба 619,7 млн. дона ва ё дар муқоиса ба соли 2019 83,8 % зиёд расонида мешавад.

Таҳлили маълумоти ҷадвали дар боло зикргардида нишон медиҳанд, ки истеҳсоли гӯшти парандае, ки дар хоҷагиҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудаанд, 8,4 маротиба нисбат ба сатҳи талабот пасттар мебошад. Гӯшти мурғи истеҳсоли ватанӣ дар соли 2025 дар муқоиса ба соли 2016-ум 51,1 фоиз афзоиш хоҳад ёфт.

Ҳисоботи таҳиягардида оид ба дурнамо барои давраи то соли 2025 имкон доданд, ки сатҳи имконпазирии таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ ба гӯшт ва тухми маҳсулоти ватанӣ муайян карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, асоси самаранокии соҳаи парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ истифодабарии технологияҳои пуриқтидор мебошад, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии парандагон, коҳиш додани арзиши аслии хароҷот ба як сентнери маҳсулот мусоидат мекунад.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба маҳсулнокӣ, сифати маҳсулот, саломатии парандагон таъсир мерасонад ва самаранокии истеҳсоли маҳсулоти тухм ва гӯшти парандаро таъмин менамояд, ғизои пурра мебошад. Дар сохтори арзиши аслии тухм ва гӯшти паранда хӯрока 60-70% - ро ташкил медиҳад. Кам кардани истеъмоли хӯрокаи паранда барои як воҳиди маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии азхудкунии онҳоро метавон чунин ба даст овард: аввалан, бо истифода аз воситаҳои ғизоии баландсифат ва дуруст омода намудани хӯрока барои ғизодиҳӣ; дуюм, бо истифодаи хӯрокаҳои омехтаи оптималӣ барои гурӯҳҳои муайяни парандагон ва сеюм, интихоби реҷаи муносиб ва усули ғизодиҳӣ.

Инчунин, бояд қайд кард, ки барои маҷмааҳои парандапарварӣ хӯрокаҳое заруранд, ки ба талаботи технологияҳои истеҳсолоти саноатӣ ҷавобгӯ мебошанд. Чунин талабот бо хӯрокаи омехтаи истеҳсолшуда ба роҳ монда шудааст. Ба ин талабот хӯрокаҳои дар корхонаҳои худӣ истеҳсолгардида ҷавобгӯ мебошанд. Бинобар ин, роҳбарияти корхонаи парандапарвариро зарур аст, ки истеҳсоли хӯрокаро дар корхонаи худ ба роҳ монад.

Мавриди зикр аст, ки нақши муҳимро истифодабарии меъёри ғизоии мутамарказонидашудаи ғизоӣ, пеш аз ҳама дар мубодила бо энергия ва сафедаи хом, инчунин аминокислотаҳои ивазнашаванда мебозад, зеро истифодаи хӯрокаи мувозинатии хӯрокаи омехта маҳсулнокии нигоҳубин ва парвариши парандаро беҳтар менамояд.

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки самаранок истифодабарии технологияи нави баландихтисос яке аз роҳҳои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшударо мебошад, ки дар натиҷа фоидаи ҳадди аксар ба даст даровარда мешавад.

Рушди муносибатҳои бозаргонӣ ҳар як субъекти хоҷагидорро водор мекунад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти босифат ва рақобатпазир машғул шуда,

роҳҳои кам кардани хароҷот ва сердаромад намудани соҳаро дарҷ намояд. Ҳамзамон зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот, роҳи ҳалли масъалаи даромаднокии соҳа нест, ки барои ноил гардидан ба даромади зарурӣ бояд истеҳсолоти истеҳсолшуда хушсифат ва дар бозор рақобатпазир бошад. Барои ҳалли ин масъала, ташкили дурусти баҳисобгирии хароҷот ва дуруст муаяйн кардани арзиши аслии он хеле муҳим аст. Рушди фаъолияти хоҷагиҳо ба фароҳам овардани шароит баҳри ташкили механизми бозорӣ мусоидат мекунад.

Хулоса, таҳқиқоти гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки асоси рушди самаранокии соҳаи парандапарвариро дар ҷумҳурӣ технологияҳои интенсивӣ, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии маҳсулоти паранда бо кам намудани хароҷоти хӯрока ва меҳнат барои як воҳиди маҳсулот мусоидат менамояд. Дар муқоиса бо дигар соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ дар шароити бозор қисми муҳими иқтидори истеҳсолии худро нигоҳ дошт ва дар маҷмӯъ ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулотро кам намуд.

**Адабиёт**


1. Бобоазиззода Ш. Ресурсосберегающая технология – основа повышения эффективности птицеводства в Республике Таджикистан / Ш. Бобоазиззода // Материалы сборник научных статей.-2017.-С. 92-.94
2. Мадаминов А.А. Масъалаҳои рушди боустувори бахши аграрии Тоҷикистон / А.А. Мадаминов, Душанбе, 2006.-300 с
3. Мадаминов А.А. Рушди боустувори экологии хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А. Мадаминов, Душанбе, ДАТ, 2004.-С. 44
4. Насыров Р. Некоторые особенности повышения эффективности садоводства // Р. Насыров, Г. Мирзоев Кишоварз, ТАУ, Душанбе, 2007.-№3-4 (37).-С.-27-28
5. Одинаев Х.А. Аграрная политика и меры государственного регулирования в развитии сельского хозяйства / Х.А. Одинаев Международный сельхозжурнал., М., 2002-№2.-С.-24-31
6. Раҳмонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегия ва рушд, 2002.-№1.-С. 3539
7. Раҳмонов Э.Ш. Истиқлолият-ганҷи бебаҳо / Э.Ш. Раҳмонов, «Минбари халқ», 2000.-№37.-С. 12-14
8. Раҳмонов Э.Ш. Нақши Тоҷикистон дар рушди иқтисодиёт ва сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ / Э.Ш. Раҳмонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон:стратегия ва рушд, 2000.-№2.-С. 169-171
9. Яновский А. Маркетинг дар фаъолияти истеҳсолӣ ва фурӯш гарави муваффақият дар тиҷорат / Яновский // Маркетинг, 1997. -№3.-С. 37-42


## РОЛЬ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПОВЫШЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА ПТИЦЕВОДСТВА

***Бобоазиззода Ш. А.***

**Аннотация:** В статье описаны методы выращивания экстенсивной (хранение на полу) и интенсивной (выращивание в клетках) технологий, а также индивидуальные показатели производства яиц в Республике Таджикистан и определение его эффективности с использованием современных технологий.

**Ключевые слова**: технология выращивания, ресурсосберегающая технология, экстенсивное, интенсивное, продуктивное, птица, яйца, мясо и др.

**ROLE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN INCREASING THE ECONOMIC EFFICIENCY OF POULTRY PRODUCTION**

***Boboazizzoda Sh. A.***

**Abstract:** The article describes methods of growing extensive (storage on the floor) and intensive (growing in cages) technologies, as well as individual indicators of egg production in the Republic of Tajikistan and determining its effectiveness using modern technologies.

**Key words**: cultivation technology, resource-saving technology, extensive, intensive, productive, poultry, eggs, meat, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Бобоазиззода Шамшод Абдуғафур –** н.и.и., дотсент мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. Тел: 939800202

**УДК: 338. 41: 635.**

# РОҲҲОИ ПАСТ НАМУДАНИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ

***Ахмедов Д. Ҳ.***

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур нақши арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ нишон дода шуда, инчунин роҳҳои муайян ва паст кардани он таҳлил карда шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз омилҳои таъсиркунанда ба арзиши аслии маҳсулот ин нарх ва ҳаҷми истеҳсоли он мебошад.

**Калидвожаҳо**: арзиши аслӣ, хароҷотҳои истеҳсолӣ, боғдорӣ, КАС, токпарварӣ, таҳлил, фоида.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши арзиши асли маҳсулоти боғу токпарварӣ ва калкулятсияи он муҳим ва саривақти буда, таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Усулҳои таҳлили хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кору хизматҳо) дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, хеле васеъ истифода бурда мешаванд. Мавриди қайд аст, ки хусусиятҳои соҳавии субъектҳои хоҷагидорӣ истифодабарии усулҳои мувофиқи таҳлили хароҷот ва калкулятсияи маҳсулот (усули фармоишии таҳлили хароҷот, усули ҷараёнии таҳлили хароҷот, усули марҳилавии таҳлили хароҷот, усули одии таҳлили хароҷот ва ҳ.к.) барои пешрафти фаъолияти хоҷагидорӣ ва дуруст муайян кардани арзиши аслӣ кӯмаки амалӣ мерасонанд.

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ ҳар як хоҷагиҳои боғу токпарварӣ ҳаракат мекунад, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолии худ бештар фоида ба даст орад. Бо ин мақсад, роҳҳои баланд кардани нархи фурӯши маҳсулот ё паст кардани арзиши аслӣ расидан мумкин аст. Арзиши аслии маҳсулот нишондиҳандаи муҳими самаранокии иқтисодии истеҳсолоти соҳа ба ҳисоб меравад. Дар он ҳамаи тарафҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ таҷассум мегардад. Паст кардани дараҷаи

арзиши аслӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва актуалии ҳар як хоҷагиҳои боғу токпарварӣ буда, аз дараҷаи арзиши аслӣ ҳаҷми фоида, қарзадокунии хоҷагӣ, рушди истеҳсолот, дараҷаи нархҳои чакана ва яклухт вобастагӣ дорад.

Дар шароити имрӯза паст кардани арзиши аслӣ имконият медиҳад, ки қобилияти рақобатнокии маҳсулот баланд бардошта шавад. Бояд қайд кард, ки барои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ корҳои зеринро иҷро бояд кард:

- дастгирии давлати барои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ;
- усулҳои муосири баҳисобгирии хароҷот ва муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ тибқи СБҲМ вобаста ба муносибатҳои байналбиллалии иқтисодӣ;
- таҳлили арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ;
- захира намудани маҳсулоти боғу токпарварӣ дар анборҳои сардкунанда барои дар фасли сармо таъмин намудани аҳолии бо ин намуди маҳсулоти ғизоӣ.

Калкулятсияи арзиши аслии як воҳиди маҳсулоти боғу токпарварӣ барои муайян кардани самаранокии банақшагирӣ, иҷрокунии чорабиниҳои агротехникӣ, техникӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ, инчунин барои рушду ташкили истеҳсолот, асосноккунии нарх, муайян кардани хароҷоти фоида ва супоридани андоз зарур мебошад. Мақсади баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат) сари вақт, пурра ва боваринок инъикос ёфтани хароҷоти ҳақиқӣ, истеҳсоли маҳсулот дар ҳуҷҷатҳои фаъолияти молиявӣ – хоҷагӣ, инчунин назорат оид ба пурра ва самаранок истифодабарии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ мебошад.

Арзиши аслии маҳсулот яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои самараноки иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ буда, бо формулаи зерин инъикос карда мешавад.

$$Aa = \frac{\text{ХИ}}{\text{ҶУ}};$$

Дар ин ҷо:

Аа – арзиши аслии маҳсулот;

ХИ – хароҷотҳои истеҳсолӣ;

ҶУ – ҷамъоварии умумӣ;

Барои муайян намдани арзиши аслӣ маҳсулоти боғу токпарварӣ қисми хароҷоти асоси вобаста ба парвариши ниҳол хароҷотҳои бевосита меноманд. Ба онҳо хароҷоти музди меҳнат, ниҳол, нурӣ, сӯзишворӣ ва материалҳои молиданӣ, воситаҳои ҳимояи растаниҳо ва ғайра дохил мешаванд. Хароҷотҳои бавоситаро хароҷотҳои умумихоҷагӣ, умумиистеҳсолӣ ва истеҳсолоти нотамом ташкил менамоянд. Онҳоро бевосита ба арзиши ин ё он маҳсулот дохил кардан мумкин нест ва онҳоро мутаносибан тақсим карда мешаванд.

Хароҷотҳое, ки арзиши аслии маҳсулот (кор, хадамот) – ро ташкил мекунанд, аз рӯи моҳияти иқтисодиашон ба аломатҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

– хароҷотҳои материалӣ;
– хароҷотҳои музди меҳнат;
– ҷудокунӣ ба зарурияти иҷтимоӣ;
– аммортизатсияи фондҳои асосӣ;
– дигар харoҷотҳо.

Ба харoҷотҳои материалӣ сарфи предметҳои меҳнат, музди кор ва хадамоти характери истеҳсолӣ доштa дохил мешаванд:

– ниҳолҳои истеҳсоли худӣ ва харидашуда;
– хомтоккунӣ ва ҷо ба ҷокунӣ;
– нуриҳои минералӣ, органикӣ, бактериалӣ;
– харoҷотҳои ашё ва маводҳои истеҳсолоти ёрирасони саноатӣ;
– харoҷотҳои кор, хадамоти характери истеҳсолӣ, ташкилотҳо беруна иҷро карда, ки ба фаъолияти асосӣ дахл надоранд;
– музди хизмати обтаъминкунии ташкилотҳои хоҷагии об.

Барои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ харoҷоти истеҳсолӣ ба ҳар як воҳиди маҳсулот ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин нишондиҳанда нисбати ҳаҷми умумии харoҷот ба арзиши умумии маҳсулоти истеҳсолшуда баробар буда, таҳлили он методи муқоисавии таҳлил истифода карда, харoҷоти нақшавӣ ба ҳақиқӣ ва нисбати соли гузашта муқоиса карда мешавад.

Дар раванди таҳлил зарур аст, ки инчунин таркиби хараҷот аз рӯйи элементҳои он омӯхта шуда, гурӯҳбандии харoҷот аз рӯйи элементҳояш барои омӯхтани маводғунҷоиш, энергоғунҷоиш, меҳнатғунҷоиш, фондғунҷоиш ва муайян кардани таъсири пешрафти техникӣ ба таркиби харoҷот лозим аст. Агар ҳиссаи музди меҳнат кам шуда, ҳиссаи хӯрдашавӣ зиёд шавад , ин аз он шаҳодат медиҳат, ки дарҷаи техникии корхона баланд шуда, маҳсулотнокии меҳнат меафзояд. Вазни қиёсии музди меҳнат кам шуда, ҳиссаи хариди хӯрокаҳои чорво, тухми ва дигар намуди маҳсулот (мол) зиёд шавад аз баландшавии кооператсия ва махсусгардонӣ гувоҳӣ медиҳад. Нишондиҳандаҳои иқтисодии арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ вобаста ба мавқеъи ҷойгиршавии он таҳлил ва муайян карда мешавад. Дар ҷадвали 1, таҳлил карда шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсоли зардолу дар як гектар**

| № | Номгуи кор ва харoҷот | Воҳиди ченак | Микдор | Нархи як воҳид сомонӣ | Ҳақи кор ва хизматрасонӣ | Маблағи умуми сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Сузишворӣ: шудгор | литр | 30 | 6,2 | 186+200 | 386 |
| А | Мола | литр | 10 | 6,2 | 62+70 | 132 |
| Б | Кашидани ҷуйбор | литр | 5 | 6,2 | 31+150 | 181 |
| 2 | Ниҳол | дона | 200 | 10 | - | 2000 |
| 3 | Нуриандозӣ | кг | 800 | 4,5 | - | 3600 |
| 4 | Поруандозӣ | кг | 2800 | 0,12 | - | 336 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Заҳрдору | маротиба, га | 2 | 200 | - | 400 |
| 6 | Пардохти музди меҳнат | одам,га | 2 | 500х12 | 12000 | 12000 |
| 7 | Пардохти хизматрасонии обёрӣ | маротиба, га | 1 | - | - | 150 |
| 8 | Пардохти андози ягона | маротиба, га | 1 | - | - | 150 |
| 9 | Пардохти ФҲИ | нафар | 2 | 75х12 | - | 1800 |
| 10 | Дигар хароҷотҳо | - | - | - | - | 2000 |
| **Ҳамаги хароҷотҳо** | | | | | | **23135** |
| 11 | Ҷамъоварии ҳосил аз 1 га дар соли 5-ум | кг | 8000 | - | - | - |
| 12 | Арзиши аслии зардолу | кг | 1 | - | - | 2,89 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Аз маълумотҳои ҷадвали 1, мушоҳида карда мешавад, ки барои ташкил ва парвариши зардолу дар як гектар зиёда аз 23135 сомонӣ хароҷот мегардад, дар соли панҷум ба миқдори 8000 кг маҳсулот ҷамъовари карда мешавад, ки агар онро тибқи нархи бозорӣ, яъне 3 сомонӣ ба фуруш барорем, дар як сол хароҷоти ибтидоиро руйпуш менамояд.

Яке аз сабабҳои объективии болоравии арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ, ин болоравии нархи маҳсулоти саноатӣ дар натиҷаи беқурбшавии пул, техника, қисмҳои эҳтиётӣ, қувваи барқ, нӯриҳо, сӯзишворӣ ва афзоиши суръати музди меҳнат нисбати маҳсулнокии он мебошад.

Аммо, ба баландшавии дараҷаи арзиши аслии маҳсулот инчунин омилҳои субъективӣ низ таъсири калон мерасонад. Зеро бо суръати якхела зиёд шудани сабабҳои объективии дар боло оварда шуда, арзиши аслии маҳсулот дар хоҷагиҳои гуногун якхела нестанд. Ҳангоми паст будани ҳосилнокии меваҷот хароҷотҳои доимӣ ба воҳиди маҳсулот зиёд мешавад. Дар ин ҳолат чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии мева ва ангур равона шудаанд, яке аз манбаҳои паст кардани арзиши аслии маҳсулот мебошанд.

Сабабҳои дигари баландшавии арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ, ин дар дараҷаи паст будани механизатсияи равандҳои истеҳсолот, ташкили меҳнат, махсусгардонии истеҳсолот ва ҷорӣ кардани технологияи нав мебошад. Баҳодиҳии умумии иҷроиши нақшаи дараҷаи умумии арзиши аслӣ дар хоҷагӣ дар асоси муқоисаи нишондодҳои нақшавӣ ва ҳақиқии арзиши аслӣ дар соли ҳисоботӣ ва базисӣ муайян карда мешавад.

Мариди зикр аст, ки мо танҳо бо нишондиҳандаҳои истеҳсолии фаъолияти хоҷагидорӣ соҳаҳои алоҳидаи хоҷагиҳои боғу токпарвариро баҳогузорӣ карда намешавад. Агар дар хоҷагӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот афзоиш ёфта, арзиши асли он коҳиш ёбад, дар ин маврид маҳсулоти истеҳсолшуда бо рақобат тоб оварда наметавонад. Барои он ки арзиши аслии маҳсулот нишондиҳандаи

ниҳоие мебошад, ки тамоми нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ аз он вобаста мебошанд.

Хулоса, шарти зарурии самаранок фаъолият кардани хоҷагиҳои боғу токпарварӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ин мунтазам паст кардани арзиши аслии маҳсулот маҳсуб ёфта, инчунин такмил додани механизми хоҷагидорӣ, ҷорӣ намудани таҳлили молиявӣ дар асоси талаботҳои стандартҳои байналмиллалии ҳисоботӣ молиявӣ имкон медиҳад, ки оқилонаю одилона таҳлили хароҷоти истеҳсолиро арзёбӣ надуда, усулҳои муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарвариро тавре ба роҳ монем, ки ба натиҷаҳои молиявӣ назаррасро соҳиб шавем.

**Адабиёт**


1. Абрютина М.С, Грачев А.В. Анализ финансово – экономической деятельности предприятия - МДИС.1998
2. Ахмедов И.Қ. Таҳлили молиявӣ. Душанбе. - Ховарон,2011.
3. Баканов М.И, Мельник М.В. Теория экономического анализа: Учебник – М Финансы и статистика. 2006 Баристайн Л.Н. Анализ финансовой отчетности. М Финансы и статистика. 1996
4. Бухгалтерский анализ. Персанг – Киев. Торговоиздательское бюро ВНУ 1993
5. Зудимин А.П Анализ хозяйственной деятельности развитых копитлистических стран. Екетеринбург: Калиной посnumя 1992
6. Каримов Б. Ҳ. Таҳлили иқтисодӣ Душанбе " Ирфон" – 2005
7. Клаес Б. Управление финансовой деятельностью предприятия – М Финансы ЮНИТИ 1997 Ковалев Б. Управление финансовой деятельностью предприятия - М Проспект 2005


## ПУТИ СНИЖЕНИЯ СЕБЕСТОИМОСТИ САДОВО-ВИНОГРАДАРЧЕСКОЙ ПРОДУКЦИИ

***Ахмедов Д. Х.***

**Аннотация:** В этой статье показана роль стоимости садоводческой и виноградарческой продукции в рыночной экономике, а также определены способы ее снижения. Следует отметить, что одним из факторов, влияющих на стоимость продукта, является цена и объем производства.

**Ключевые слова:** себестоимость, издержки производства, садоводство, АПК, виноградарство, анализ, прибыль.

## WAYS TO REDUCE THE ORIGINAL VALUE OF HORTICULTURE AND VITICULTURE

***Akhmedov D. H.***

**Annotation:** This article shows the role of the cost of horticultural products in a market economy, as well as identifies ways to reduce it. It should be noted that one of the factors influencing the cost of the product is the price and the volume of its production**.**

**Keywords:** cost, production costs, horticulture, AIC, viticulture, analysis, profit.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

***Ахмедов Давлатали Ҳайталиевич*** – н.и.и., дотсенти мудири шуъбаи омузиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар КАС-и ИИТСРК АИКТ Тел: 93-905-06-66; davlat_1118@mail.ru.

УДК: 678.345

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ АГРАРИИ ИҚТИСОДӢ

***Ҳайитбоева Н. А.***

**Аннотатсия**: Дар мақлаи шароити ташаккул ёфтани иқтисоди бозорӣ дар соҳаи аграрӣ, танзими давлатӣ ва фишангҳои бозор ба таври беҳтарин якҷо истифода карда мешаванд. Инчунин, бояд назарияҳо таҳия карда шуда, амалияи таъсири давлатӣ ба равандҳои макро ва микроиқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои марбут ба он такмил дода шуда, таҳлил карда шудааст.

Ҳадафи асосии танзими иқтисодии ҳар як давлат ин расидан ба некӯаҳволии аҳолии кишвар, афзоиши даромад ва истеъмоли он, нигоҳдории давлатдорӣ ва мудофиаи миллӣ, суботи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва ғизоӣ мебошад. Танзими давлатӣ ва дастгирии рушди иқтисодии соҳаи аграрӣ зарурати объективӣ барои ҳар як давлат мебошад.

**Калимаҳои калидӣ:** танзими давлатӣ, дастгирии давлатӣ, низоми иқтисодӣ, соҳаи аграрӣ, амнияти озуқаворӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ танзими нарх

Иқтисодиёти бозории самарабахш дар ҳолати нақши танзимкунандаи фаъол доштани давлат ташкил карда мешавад.Дар шароити ташаккул ёфтани иқтисоди бозорӣ дар соҳаи аграрӣ, танзими давлатӣ ва фишангҳои бозор бояд ба таври беҳтарин якҷо истифода карда мешаванд. Инчунин, бояд назарияҳо таҳия карда шуда, амалияи таъсири давлатӣ ба равандҳои макро ва микроиқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои марбут ба он такмил дода мешаванд.

Ҳадафи асосии танзими иқтисодии ҳар як давлат ин расидан ба некӯаҳволии аҳолии кишвар, афзоиши даромад ва истеъмоли он, нигоҳдории давлатдорӣ ва мудофиаи миллӣ, суботи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва ғизоӣ мебошад.

Вазифа ва мундариҷаи танзими давлатиро дар шароити гуногуншаклии иқтисодӣ моҳияти иқтисоди бозоргонӣ муайян мекунад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки иқтисоди бозорӣ бисёр оқибатҳои манфиро ба миён меорад, он метавонад боиси бекорӣ ва камбизоатӣ гардад, зеро он на ҳама вақт ҳуқуқи меҳнат кардан ва музди меҳнатро кафолат медиҳад ва манфиатҳои иҷтимоии камбизоатон метавонанд рад карда шуда, вале дархостҳои сарватмандон метавонанд қонеъ карда шаванд.

Бозор худ аз худ ба ҳифз кардани муҳити зист ва таҷдиди захираҳо мусоидат намекунад, равандҳои таваррумиро танзим карда наметавонад. Барои роҳ надодан ба ҳамаи ин равандҳои манфӣ давлатро зарур аст, ки дар шахсияти ҳукумат ва дигар мақомоти расмӣ барои маҳдуд кардани ҳамаи ин равандҳо масъулиятро ба зиммаи худ бигирад. Давлат бояд истеҳсоли молҳо ва хидматҳои ҷамъиятиро рушд диҳад, нисбати одамони пиронсол, кӯдакон, маъюбон ғамхорӣ зоҳир карда, бозори меҳнатро танзим намояд. Равандҳои макро ва микроиқтисодӣ бояд дар сатҳи давлатӣ ташаккул ёфта, принсипҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии табақаҳои гуногуни аҳолӣ татбиқ карда шаванд.

Ба мо маълум аст, дар ҳама гуна воҳидҳои ҳудудӣ давлат ҳам молиявӣ ва ҳам иқтисодии ҳаёти ҷамъиятиро идора мекард, инчунин тақсимоти дурусти

даромадҳои онро пайгирӣ намуда, дар айни замон буҷетҳоро барои амалисозии вазифаҳои умумӣ ташаккул медод.

Оид ба муаммои танзими давлатии иқтисодиёт бисёр корҳои илмӣ аз ҷониби мутахассисони ботаҷриба – иқтисоддонҳо таҳия карда шудаанд. Ин муаммо то имрӯз муҳим буда, дар назди олимону мутахассисони давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва олимони ҳам кишвари мо бисёр саволҳоро ба миён мегузорад. Ҳалли масъалаҳои мазкур бештар моҳият, вазифаҳо, инчунин ҳадафи танзими давлатӣ ва дастгирии иқтисодиётро ошкор мекунанд.

А.З. Зокиров тавсиф медиҳад, ки «Давлат асоси низоми ҷамъиятии мазкурро ташкил дода, қудрат (ҳокимият)-ро мутамарказ карда, принсипҳои амалкарди ниҳодҳои ғайридавлатӣ, равандҳои иқтисодӣ ва сиёсиро ташаккул медиҳад» [3, 12].

В. Варга чунин ақида дорад, ки дар ҳама гуна низоми иқтисодии муосир бояд нақши муҳим ба давлат мансуб бошад. Зеро давлат низоми танзимкунандаеро истифода мебарад, ки дар иқтисодиёт миёнаи тилоиро нигоҳ медорад, яъне замонат (кафил)-и субот дар кишвар мебошад. Вай инчунин таъкид мекунад, ки танҳо сохторҳои бозорӣ, ҳатто ба монанди ширкатҳои пурқудрати трансмиллӣ қобили таъмин кардани тақсимоти босамари захираҳо надоранд [2, 201].

Ба андешаи мо нақши танзими давлатӣ аз таъмини амнияти рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар дар шароити муносибатҳои бозорӣ иборат мебошад.

Ба андешаи А. Болоболов ва В. Сидоренко “Танзими давлатии иқтисодиёт дар шароити хоҷагидории бозоргонӣ ин низоми қонунгузорӣ, тадбирҳои иҷроия ва назоратие мебошад, ки аз ҷониби давлат рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро таъмин мекунад” [1, 10].

Л.Г. Холодов низ андешаҳои мазкурро ҷонибдорӣ карда, чунин ақида дорад: “Танзими давлатии иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аз низоми тадбирҳои намунавии хусусияти қонунгузорӣ, иҷроия ва назоратидошта иборат мебошад, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатии комилҳуқуқ ва созмонҳои ҷамъиятӣ бо мақсади рушди устувор ва мутобиқ кардани низоми мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ ба шароити тағйирёбанда анҷом дода мешаванд” [5, 52].

Тибқи нуқтаи назари олими ватанӣ Т.Т. Набиев «Танзими давлатии соҳаи аграрии иқтисодиёт ин низоми фишангҳо, воситаҳо ва ангезаҳои иқтисодӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо давлат ба рушди соҳаи кишоварзии иқтисодиёт ва самаранокии фаъолияти воҳидҳои ниҳоди (институтсионали)-и он бо мақсади, таъмин кардани амнияти озуқавории кишвар таъсир мерасонад» [4, 18].

Тибқи назарияи танзими давлатии иқтисод ин раванди мақсадноки ҳамоҳангсозандаи таъсири идоракунанда мебошад, ки низоми тадбирҳои хусусияти қонунгузорӣ, иҷроия, ва назоратидоштаро дар бар мегирад ва татбиқи он аз ҷониби Ҳукумат ва муассисаҳои давлатии комилҳуқуқ анҷом дода шуда, ҳадафашон ба даст овардани субот, афзоиш ва тавозуни тамоми низоми иқтисодӣ мебошад. Аммо, бо ин ҳадафҳои танзими давлатӣ маҳдуд намешаванд.

Чӣ тавре ки мо медонем, субъектҳои танзими давлатии иқтисодиёт мақомоти гуногуни идоракуниро дар бар мегиранд: Ҳукумат, инчунин мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи ҳокимият ба инҳо дохил мешаванд: вазоратҳо, агентиҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти минтақавӣ ва шаҳру ноҳиявӣ, ассотсиатсияҳои молистеҳсолкунандагон, сохторҳои тиҷоратии хусусӣ ва идораҳои дигар.

Барои танзими дурусти давлатии иқтисодиёт, рушди мутавозини макроиқтисодиёт барои ба даст овардани тараққиёти муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва истеъмолкунандагони кишвар дар вазъияти бебӯҳронӣ зарур аст.

Қайд бояд кард, ки яке аз вазифаҳои танзими давлатӣ, дар навбати аввал мустаҳкам намудани асосҳои иқтисодии рушди мустақилонаи тамоми минтақаҳои кишвар тавассути тақсим кардани масъулият дар байни мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунии минтақавӣ (маҳаллӣ) мебошад.

Чунин намудҳои тақсимот дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ, шабакаҳои иқтисодӣ, нақлиёт, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ғайра. муҳиманд. Мувофиқан барои такмил додани шарикӣ ва асосҳои қонунии мақомоти ҷумҳуриявӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Фишангҳои асосии танзимкунанда бояд нишондиҳандаҳои арзишӣ бошанд, ки бо ёрии онҳо сатҳи рушд ва такрористеҳсолкуниро дар соҳаи иқтисодиёт ташкил кардан мумкин аст. Ғайр аз он, нарх, андозҳо, имтиёзҳо, ҷудокунии захираҳои молиявӣ, фоизҳои қарз, пардохти иҷора, арзиш (меъёр)-и музди меҳнат, нафақаҳо, кумакпулиро ҳамчун фишанги иқтисодиёт истифода бояд кард, ки бо ёрии онҳо ба манфиатҳои иқтисодии истеҳсолоти минтақаҳо таъсир метавон расонд. Инчунин, қайд бояд кард, ки яке аз унсурҳои муҳимтарини танзими давлатӣ ин назорати нархҳо мебошад. Аммо, дар вазъияти бавуҷудомадаи бозор назорати нархҳои ҳама намудҳои маҳсулотро анҷом додан ғайриимкон аст. Давлат бояд нархи ашёи хомро танзим намояд, зеро он асоси ташаккули тамоми занҷири андозаи нархҳоро ташкил медиҳад.

Дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҳаёти бисёр кишварҳои мутараққӣ нақши бузург мебозад ва ҳамчун фишанги тавонои татбиқи сиёсати кишоварзӣ ва молиявӣ дар соҳаи аграрӣ хидмат мекунад. Бисёр механизмҳои дастгирии давлатии иқтисодиёт бо хронологияи тӯлони (қадимӣ)-и худ ва истифодаи васеи васила ҳои иқтисодӣ ва молиявӣ фарқ мекунанд, аммо баъзан принсипҳои амал дар баъзе минтақаҳо умумияти зиёд доранд. Дар баъзе ҳолатҳо, усулҳо ва шаклҳои истифодаи онҳо аз ҷиҳати хусусият ва андозаҳо фарқ мекунанд. Ҳамаи ин фарқиятҳо ба хусусиятҳои миллии рушди соҳаи аграрӣ ва бисёр омилҳои дигар, ба мисли сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва мавқеи онҳо дар бозори ҷаҳонии кишоварзӣ вобаста мебошанд.

Аз ин рӯ, кори ҳар як соҳа дар маҷмӯъ бояд бо иқтисодиёти нақшавӣ ё бозорӣ ба танзим дароварда шавад. Дар бораи танзими давлатӣ сухан ронда,

пеш аз ҳама дарк кардан лозим аст, ки ҳавасмандгардонии соҳаи аграрӣ тавассути усулҳои мустақим ва ғайримустақим тавсия дода мешавад.

Дар шароити ташаккули иқтисодиёти бозорӣ дар соҳаи аграрӣ танзими давлатӣ ва фишангҳои бозориро ба таври беҳтарин якҷо истифода кардан лозим аст. Ҳамчунин, таҳияи назарияҳо ва такмил додани амали таъсири давлатӣ ба равандҳои макро ва микроиқтисодӣ дар соҳаи аграрӣ ва соҳаҳои марбута ба он зарур аст.

Зарурати объективии танзим ва дастгирии давлатии иқтисодӣ ҳангоми расидан ба сатҳи муайяни рушди иқтисодӣ, тамаркузи истеҳсолот ва сармоя ба вуҷуд меояд.

Барои ҳалли муаммоҳои соҳаи аграрӣ дар шароити ислоҳоти он, ҳамзамон муаммоҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии дар деҳот тӯли даҳсолаҳо ҷамъшударо ҳал кардан зарур аст ва дар ин ҳолат бе дастгирии танзими давлатӣ ин муаммоҳоро ҳал наметавон кард. Дар айни замон баробари таҳияи барномаҳои афзалиятноки ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ ва дохилихоҷагии мақсаднок мо метавонем мушкилоти молиявӣ ва кадриро ҳал кунем.

Қайд бояд кард, ки танзими давлатӣ ва дастгирии рушди иқтисодии соҳаи аграрӣ новобаста аз тамоюли мавқеи ҷуғрофии минтақаҳои кишвар ба муносибатҳои бозаргонӣ ё усули маъмурӣ-фармондеҳӣ, зарурати объективӣ барои ҳар як давлат мебошад.

Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки танзими давлатӣ барои сиёсати аграрӣ зарур аст, ки талаботи аҳолиро ба маҳсулоти хӯроквории ба стандартҳои сифат ҷавобгӯ ва саноатро бо ашёи хом дар ҳолати рушди устувор ва рақобатпазири соҳаи аграрӣ таъмин мекунад.

Хулоса, воситаҳои қавии давлатӣ оид ба танзими иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи аграрӣ лозиманд. Таҷрибаи чандинсолаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бори дигар собит мекунад, ки бе дахолати давлат ягон соҳаи иқтисодиёт то дараҷаи лозима рушд намекунад, аз ҷумлпа соҳаи аграрӣ.

**Адабиёт**

1. Болоболов А. Государственное регулирование аграрной сферы экономики / Международный сельскохозяйственный журнал. 2002. - №6.- С. 10-14.
2. Варга В. Роль государства в рыночном хозяйстве / В. Варга. МЭиМО,1992г.- 201 с.
3. Закиров А.З. Проблемы реформирования и государственного регулирования аграрного сектора Кыргызстана / А.З. Закиров. -Бишкек, 2009. - С. 12.
4. Набиев Т.Т. Государственное регулирование аграрного сектора экономики Республики Таджикистан в условиях интеграционных процессов: автореф. дис. … док. эк. наук: 08.00.05 / Т.Т. Набиев. -Москва. -2014. -С. 18.
5. Холодов Л.Г. Вопросы государственного регулирования экономики / Л. Г. Холодов. - М.: Изд. «Экономика», 1994. 238 с.
6. Шарипов И.О. Задачи государства в поддержке, регулирования и развития многоукладного сельского хозяйства // Кишоварз (Земледелец).-№1.- Душанбе.- 2016.- С. 67-71.
7. Шарифов З.Р. Особенности хозяйственного механизма АПК / Кишоварз (Земледелец).- №2.- Душанбе.- 2015.- С. 65-69.

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

***Хайитбоева Н. А.***

**Аннотация:** в данной статье расматриваются, условиях становления рыночной экономики в аграрном секторе, следует оптимально сочетать государственное регулирование и рычаги рынка. Также, необходимо разработать теории и совершенствовать практику государственного влияния на макро и микроэкономические процессы в аграрном секторе и связанных с ним отраслях.

Главной целью экономического регулирования каждого государства является достижение благосостояния населения страны, рост его доходов и потребления, сохранение государственности и национальной обороны, экономическая, политическая и социальная стабильность, обеспечение экономической и продовольственная безопасность.

Государственное регулирование и поддержка экономического развития аграрного сектора является объективной необходимостью каждого государства.

**Ключевые слова:** государственное регулирование, государственная поддержка, экономическая система, сельское хозяйство, продовольственная безопасность, экономическая безопасность, ценовое регулирование.

# THEORETICAL BASIS OF STATE AGRICULTURAL ECONOMIC REGULATION

***Hayitboeva N. A.***

In the conditions of the formation of a market economy in the agricultural sector, it is necessary to optimally combine government regulation and market levers. Also, it is necessary to develop theories and improve the practice of state influence on macro and microeconomic processes in the agricultural sector and related industries.

The main goal of the economic regulation of each state is to achieve the well-being of the country’s population, the preservation of statehood and national defense, economic, political and social stability, and ensuring economic and food security.

State regulation and support for the economic development of the agricultural sector is an objective necessity of every state.

**Key words:** government regulation, government support, economic system, agriculture, food security, economic security, price regulation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Ҳайитбоева Наргиза Алиқуловна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 732700, Телефони мобилӣ: (+992) 92-724-29-75. E-mail: hayitboeva@mail.ru

## ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОНИ
## МАҶАЛЛАИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИЛМИЮ ИСТЕҲСОЛИИ «КАС»-И Тоҷикистон: иқтисодиёт, ташкилӣ ва идоракунӣ

**Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:**

**а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқар рарнамудаи маҷалла омода гардида бошад;**

**б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад;**

**в)мавзӯи мақола бояд ба самти маҷалла мувофиқат намояд.**

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

**Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.**

**Формулаҳо, аломатҳо ва нишонаҳои ҳарфҳои бузургиҳо бояд дар муҳаррири фор мулаи Microsoft Equation ва ѐ Math Type**

**(ҳуруфи 12) ҳуруфчинӣ карда шаванд. Танҳо он формулаҳое, ки ба он истинод оварда шудаанд, рақамгузорӣ карда мешаванд.**

**Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд ва ин чунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.**

**Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиѐти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 6 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.**

**Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:**

**1. Индекси ТДУ барои мақола;**

**2. Номи мақола;**

**3. Насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Раҳимов С.Ҳ.);**

**4. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он) кору фаъолият менамояд (янд), нишонии муассиса, шаҳр, кишвар;**

**5. Матни асосии мақола;**

**6. Рӯйхати адабиѐти истифодашуда (на бештар аз 10 номгӯй);**

**7. Номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия гарданд;**

**8. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 5-7 сатр ва калидвожаҳо аз 5 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад.**

**9. Номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо (агар мақола бо забони тоҷикӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ; агар мақола бо забони русӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; агар мақола бо забони англисӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гарданд.**

**Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиѐти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад.**

**Намуна: [4, с.15], яъне адабиѐти №4 ва саҳифаи 15.__**

## ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ
## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ И НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОГО ЖУРНАЛА «АПК» Таджикистана: экономика, организация и управление

**Научные статьи, представленные для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: а) научная статья должна быть подготовлена в соответствии с требованиями, установленными журналом; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.**

**Требования к оформлению научных статей:**

**Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текста и Times New Roman Tj для таджикского текста, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал 1,5 мм.**

**Формулы, символы и буквенные обозначения величин должны быть набраны в редакторе формул Microsoft Equation или Math Type (шрифт 12). Нумеруются лишь те формулы, на которые имеются ссылки.**

**Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать, а также, их должны иметь название.**

**Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 6 до 10 страниц в формате А4.**

**Статья должна иметь следующую структуру:**

**1.Индекс УДК на статью можно получить в любой научной библиотеке;**

**2. Название статьи;**

**3.Фамилия и инициалы автора (пример: Рахимов С. Х.);**

**4. Название организации, в которой работает автор (ы) статьи, почтовый адрес организации, город, страна;**

**5. Основной текст статьи;**

**6. Список использованной литературы (не более 10 наименований);**

**7. Название статьи, аннотация и ключевые слова (на таджикском, на русском и английском языках);**

**8. Аннотация оформляется в объеме не менее 5-7 строк, ключевые слова от 5 до 10 слов или словосочетаний;**

**9. Название статьи, аннотация и ключевые слова (если статья на таджикском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на русском и английском языках; если статья на русском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на**
**таджикском и английском языках; если статья на английском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на таджикском и русском языках).**

**При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.15], т.е., литература №4 и страница 15.**

## RULES FOR THE AUTHORS

**Theoretic and scientific practical magazine "AIC" economics, organization and management**

**Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: a) the scientific article must be prepared in accordance with the requirements established by the journal; b) the article must be the result of scientific research; c) the topic of the article must correspond to one of the scientific directions of the journal.**

**Requirements for the design of the scientific articles:**

**The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English text and Times New Roman Tj for Tajik text, size - 14, fields - 2.5 cm from all directions, interval - 1.5. Formulas, symbols and letter designations of quantities must be typed in the formula editor Microsoft Equation or Math Type (font 12).**

**Only those formulas to which there are references are numbered.**

**Tables, diagrams, diagrams and figures must be grouped and numbered, and also, they must have a name.**

**The volume of the article (including annotation and bibliography) should be in the range of 6 to 10 pages of A4 format.**

**The article should have the following structure:**

**1.UDC index per article;**

**2.Title of the article;**

**3.Surname and initials of the author (example: Rahimov S.H.);**

**4.The name of the organization in which the author (s) of the article works, the postal address of the organization, city, country;**

**5.The main text of the article;**

**6.List of used literature (no less than 6 and no more than 7 titles of scientific literature).**

**7.Title of the article, abstract and keywords (up in Tajik, in Russian and English).**

**8.Annotation is drawn up in the amount of at least 5-7 lines, keywords from 5 to 10 words or phrases;**

**9.Title of the article, abstract and keywords (if the article is in Tajik, the abstract and keywords are drawn up in Russian and English; if the article is in Russian, the abstract and keywords are made out in Tajik and English; if the article is in English, abstract and keywords are drawn up in Tajik and Russian).**

**When citing specific material, links are indicated in square brackets []. Sample: [4, p.15], that is, the literature No.4 and page 15.**

# КАС–Тоҷикистон:
## иқтисодиёт, ташкил ва идоракунӣ

# АПК–Таджикистана:
## экономика, организация и управление

# AIC–Tajikistan
## economics, organization and management

# №3(51)2021

Ба матбаа 13.10.2021 супурда шуд.
Ба чопаш 15.10.2021 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/8. 9 ҷузъи чопӣ.
Чопи офсет. Қоғази офсет.
Адади нашр 100 нусха